# БАРРАСИИ ҶИЛВАҲОИ ҲУВИЯТИ МИЛЛӢ ВА ЗЕБОИШИНОСИИ АДАБӢ ДАР МАҶМУАИ “АЗ БАЛХ ТО БУХОРО” АСАРИ ШОИР БЕҲРӮЗИ ЗАБЕҲУЛЛО

**ТАҲИЯ ВА ТАНЗИМИ**

**АСМО АМИН ҲАСАН ФАРҲОТ**
**УСТОДИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ ФОРСИИ**
**ДОНИШКАДАИ МУТОЛИОТИ ИНСОНИИ ДОНИШГОҲИ АЛ-АЗҲАР,**
**ҚОҲИРА, МИСР**

**Чакида**

Маҷмуаи “Аз Балх то Бухоро” тоблуи ҳунарӣ ва ҳамоҳанг аст, ки бо диққат, ишқу огоҳӣ тарсим шудааст; тоблуе, ки ватан, қалби тапандаи он ва мардум виҷдони бедори онанд. Наққоши ин асар Беҳрӯзи Забеҳулло шоирест, ки ҳамчун сарбози фарҳангӣ посдори ҳувият, таъриху сарзамини хеш аст. Ӯ бо вожаҳояш аз Тоҷикистон ва фарҳанги тоҷик дифоъ мекунад ва орзу дорад, ки Тоҷикистон ва мардуми тоҷик ҳамвора дар паноҳи Худованд, дар амният, оромиш ва сарбаландӣ боқӣ бимонанд.

Маҷмуаи “Аз Балх то Бухоро” аз осори арзишманди шеъри муосири форсӣ дар ҳавзаи фарҳангии Хуросони бузург ба шумор меравад. Ин асар бо забони устувор ва андешаҳои ҳувиятмеҳвар ба баёни проблемаҳои миллӣ, фарҳангию инсонӣ мепардозад. Шоир дар ин дафтар зимни вафодорӣ ва баҳрагирӣ аз суннати классикии шеъри форсӣ аз Фирдавсӣ, Мавлоно, Саъдӣ ва Бедил илҳом гирифта, дар айни ҳол, масоили муосири тоҷикон ва форсизабоноро низ матраҳ сохта, кушидааст то садои инсони муосир ва нигарониҳои фарҳангии ҷомеаи тоҷик ва форсизабонро бозтоб диҳад.

Дар поёни ин маҷмуа ду достони арзишманд бо унвонҳои “Амвоҷи ҳастӣ” ва “ Қиссаи мурғи Самандар” ҳамчу ду ҷавҳари дурахшон дар ин китоб медурахшанд, осоре, ки афзун бар арзиши адабӣ, ҳомили паёмҳои миллӣ, инсониву фарҳангии амиқанд ва ҷойгоҳи вижа дар сохтори фикрӣ ва ҳунарии ин маҷмуа доранд. Ин достонҳо ба сабаби арзиши фикрӣ, миллӣ, фарҳангӣ ва ҳувиятии худ, ҷойгоҳи вижа дар ин маҷмуа доранд ва аз муҳимтарин бахшҳои китоб ба шумор меравaнд. Аз ҳамин рӯ, дар поёни ин мақола ба сурати мустақил мавриди баррасӣ қарор хоҳанд гирифт.

Ин пажӯҳиш мекӯшад то бо равиши тавсифӣ-таҳлилӣ сохтори адабии маҷмуа ва гунашиносии ашъор, вижагиҳои сабкӣ, тасовири шеърӣ, мазомини ҳувиятхоҳона ва арзиши адабии ин маҷмуаро баррасӣ кунад. Ҳамчунин, ба пешгуфтори расо ва адибонаи дуктур Яъқуб Ясно пардохта мешавад, ки дар он шоир ба унвони яке аз қуллаҳои адабиёти муосири форсӣ муаррифӣ шудааст.

**Калидвожаҳо:** Беҳрӯзи Забеҳулло, аз Балх то Бухоро, шеъри муосири форсӣ, ҳувияти миллӣ, Хуросон, адабиёти тоҷик.

Асмо Амин Ҳасан Фарҳот

Устоди забон ва адабиёти форсӣ, донишкадаи мутолиоти инсонӣ, Донишгоҳи Ал-Азҳар, Қоҳира, Миср

Шумораи тамос: 91373302210200

Эмел: asmaa.amin990@gmail.com

Ба номи Худованди ҷону хирад,
К-аз ин бартар андеша барнагзарад

## Муқаддима

Адабиёти форсӣ дар густараи таърихи Хуросони бузург ҳамвора бистаре барои баёни эҳсосоти инсонӣ, андешаҳои ирфонӣ ва дағдағаҳои иҷтимоӣ будааст. Дар рӯзгори муосир низ шоирони форсизабон бо такя бар ин мероси азим осоре падид овардаанд, ки ҳамзамон реша дар суннат ва нигоҳ ба оянда доранд. Маҷмуае, ки дар дасти баррасии мо қарор дорад, маҷмуаи “Аз Балх то Бухоро” яке аз ин осор аст, ки дар он шоири тоҷик Беҳрӯзи Забеҳулло бо нигоҳи отифӣ ва фарҳангӣ гузаштаву ҳолро ба ҳам пайванд медиҳад. Ин маҷмуа шомили ғазалҳо, шеърҳоигуногун, мухаммасҳо ва маснавиҳост ва ҳамин танаввуъ дар қолаб сабаб шудааст, ки асар аз якнавохтӣ дур шавад. Шоир дар бахшҳои мухталифи китоб мазомини ишқ, ғурбат, Ватан, Наврӯз, табиат ва ҳувияти таърихиро матраҳ мекунад. Унвони китоб низ ишораи намодин ба ду шаҳри бузурги тамаддуни форсӣ, яъне Балху Бухоро дорад. Ин танаввуи қолаб нишондиҳандаи тавоноии шоир дар баҳрагирӣ аз шеваҳои мухталифи шеъри форсӣ аст.

Дар ин миён, ду достони муҳим  “Амвоҷи ҳастӣ” ва “Қиссаи мурғи Самандар” ҷойгоҳи мумтоз дар сохтори китоб доранд, зеро шоир дар ин ду асар муҳимтарин масоили миллӣ, инсонӣ ва фарҳангии хешро бозтоб додааст. Аҳаммияти достонҳои “Амвоҷи ҳастӣ” ва “Қиссаи мурғи Самандар” дар он аст, ки шоир дар ин ду асар гузаштаи пурифтихори тоҷикон, ҳувияти фарҳангӣ ва азамати торихии ононро бо забони адабӣ ва ҳамосӣ ёдоварӣ мекунад. Ин маснавиҳо танҳо осори адабӣ нестанд, балки баёнгари руҳи бедори миллӣ, истиқлолхоҳӣ ва посдорӣ аз забону фарҳанги тоҷикианд. Шоир бо ишора ба шахсиятҳои бузурги таърихӣ ва адабӣ миллати тоҷикро ба шинохти решаҳои фарҳангӣ ва ҳифзи ҳувияти миллӣ фаро мехонад.

Аз ҳамин рӯ, нигоранда тарҷеҳ дод дар ин пажӯҳиш ин ду достонро ба гунаи мустақил ва ҷудогона баррасӣ кунад; чаро ки ин осор афзун бар арзиши адабӣ, бозтобдиҳандаи нигоҳи шоир ба ҳувияти миллӣ, забони форсии тоҷикӣ, огоҳии иҷтимоӣ ва арзишҳои инсонӣ ҳастанд, ҳусни хитоми маҷмуа ва барҷастатарин бахши он ба шумор меравconfigurations.

**Пажӯҳишгар дар фароянди ин пажӯҳиш** бо шоир Беҳрӯз иртиботи мустақим барқарор кард ва эшон бо чеҳраи боз ва ниҳояти ҳамкорӣ ба тамомии пурсишҳо посух гуфтанд ва дар шарҳу табйини мафоҳиму маъонии ашъор тавзеҳоти арзишманде ироа карданд.

**Равиши пажӯҳиш:**

Ин пажӯҳиш бар асоси равиши тавсифӣ-таҳлилӣ анҷом шудааст; ба гунае, ки ашъори маҷмуаи “Аз Балх то Бухоро”, бавижа ду достони арзишманди “Амвоҷи ҳастӣ” ва “Қиссаи мурғи Самандар” аз назари адабӣ, фикрӣ ва муҳтавоӣ мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор гирифтанд.

**Аҳамияти пажӯҳиш:**

Аҳамияти ин пажӯҳиш дар баррасии яке аз барҷастатарин маҷмуаи шеъри муосири Тоҷикистон ва шинохти мазомини миллӣ, фарҳангӣ ва инсонӣ дар ашъори Беҳрӯзи Забеҳулло нуҳуфтааст. Ҳамчунин, ин пажӯҳиш мекӯшад ҷойгоҳи ду достони “Амвоҷи ҳастӣ” ва “Қиссаи мурғи Самандар”-ро дар адабиёти муосири форсии тоҷикӣ равшан созад.

**Аҳдофи пажӯҳиш:**

– Шинохти вижагиҳои адабӣ ва фикрии маҷмуаи “Аз Балх то Бухоро”.

– Баррасии сабк ва шеваи шеърии Беҳрӯзи Забеҳулло.

– Ҳамоҳангии андешаи шоир бо дидгоҳи фарҳангии раҳбарии давлат.

– Таҳлили мазомини миллӣ, фарҳангӣ ва инсонӣ дар ашъори шоир.

– Баррасии андешаҳо ва мафоҳими матраҳшуда дар достони “Амвоҷи ҳастӣ" ва достони "Қиссаи мурғи Самандар".

–Баёни ҷойгоҳи шеър дар тақвияти ҳувияти миллӣ ва фарҳангии тоҷикон.

**Мавзуъ ва меҳварҳои пажӯҳиш:**

– Муҳимтарин мазомини фикрӣ ва адабӣ дар маҷмуаи “Аз Балх то Бухоро” чист?

– Иллати интихоби унвони “Аз Балх то Бухоро” барои ин маҷмуа чист?

– Беҳрӯзи Забеҳулло чигуна аз шеър барои баёни ҳувияти миллӣ ва фарҳангӣ баҳра гирифтааст?

– Достонҳои “Амвоҷи ҳастӣ” ва “Қиссаи мурғи Самандар” чӣ ҷойгоҳе дар адабиёти муосири тоҷик доранд?

– Барҷастатарин андешаҳо ва мафоҳими матраҳшуда дар ин ду достон кадоманд?

**Пешинаи пажӯҳиш:**

Дар ҳавзаи пажӯҳишҳои марбут ба адабиёти муосири Тоҷикистон осор ва дидгоҳҳои Беҳрӯзи Забеҳулло таваҷҷуҳи шуморе аз пажӯҳишгарон ва мунтақидони адабиро ба худ ҷалб кардааст. Аз ҷумла, муҳимтарин навиштаҳо дар ин замина, муқаддима ва накди адабии доктор Яъқуби Ясно бар маҷмуаи “Аз Балх то Бухоро” ва низ мақолаи “Сирати миллат забони миллат; таҳлили дафтари шеъри “Шукӯҳи истиқлол” ва сарсухани муҳаққиқи барҷастаи тоҷик Абдуллои Раҳнамо бар китоби “Яштҳои ватандорӣ”-и Беҳрӯзи Забеҳулло аст, ки дар он ҷойгоҳи шоир дар гуфтмони ҳувияти миллӣ, забони форсӣ ва бедории фарҳангии тоҷикон баррасӣ шудааст. Ин пажӯҳишҳо бештар бар ҷанбаҳои ҳувиятхоҳона, миллигароёна ва фарҳангии шеъри Беҳрӯзи Забеҳулло тамаркуз доштаанд.

Дар заминаи шеъри ҳувиятмеҳвари Тоҷикистон низ пажӯҳишҳои зиёде дар бораи шоирони муосир, ба вижа Муъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Гулрухсор Сафиева ва дигар шоирони ҳувиятгаро анҷом шудааст. Ин пажӯҳишҳо умдатан ба нақши шеър дар ҳифзи забони форсӣ, тақвияти ҳувияти миллӣ, бозсозии ҳофизаи таърихӣ ва бозтоби арзишҳои фарҳангии тоҷикон пардохтаанд. Ҳамчунин бархе мутолиот ба баррасии пайванди шеъри муосири тоҷик бо мероси фарҳангии Хуросони бузург ва таъсири он дар шаклгирии худогоҳии миллӣ ихтисос ёфтаанд.

**Хусусиятҳои пажӯҳиш:**

Бо вуҷуди арзиши илмии пажӯҳишҳои болозикр, нуктаи фарқкунандаи ин пажӯҳиш аз мутолиоти пешин дар он аст, ки то кунун мутолиаи мустақил ва ҷомеъ дар бораи маҷмуаи “Аз Балх то Бухоро” бо тамаркуз бар сохтори адабӣ, вижагиҳои зебоишинохтӣ, мазомини ҳувияти миллӣ ва таҳлили мустақили достонҳои “Амвоҷи ҳастӣ” ва “Қиссаи мурғи Самандар” анҷом нашудааст. Аз ин рӯ, пажӯҳиши ҳозира мекӯшад бо рӯйкарде тавсифӣ-таҳлилӣ, зимни баррасии ҷанбаҳои адабӣ ва ҳунарии ин маҷмуа, ҷойгоҳи онро дар адабиёти муосири форсии тоҷикӣ равшан кунад ва нақши онро дар бозтоби ҳувияти миллӣ ва фарҳангии тоҷикон нишон диҳад.

Пажуҳиш ба унвони нахустин мутолиаест, ки маҷмуаи “Аз Балх то Бухоро”-ро ба сурати мустақил ва ҷомеъ аз манзари адабӣ, ҳунарӣ ва муҳтавоӣ баррасӣ мекунад ва мекӯшад то муҳимтарин мазомини миллӣ, фарҳангӣ, инсонӣ ва ҳувиятхоҳонаи онро таҳлил намояд.

Аз сӯи дигар, ин пажуҳиш достонҳои “Амвоҷи ҳастӣ” ва “Қиссаи мурғи Самандар”-ро, ки аз барҷастатарин бахшҳои ин маҷмуа ба шумор меравaнд,

ба сурати мустақил мавриди баррасӣ қарор медиҳад ва ҷилваҳои ҳувияти миллӣ, намодпардозӣ, тасвирсозии адабӣ, арзишҳои фарҳангӣ ва андешаҳои инсонии нуҳуфта дар онҳоро таҳлил мекунад; мавзуе, ки дар пажуҳишҳои пешин камтар камтар бад-он пардохта шудааст.

**Тарҳи пажӯҳиш:**

Ин пажӯҳиш аз ду бахши аслӣ ва чаҳор мабҳас танзим шудааст.

**Бахши нахуст:**

Ба баррасии ашъори маҷмуаи "Аз Балх то Бухоро" ва мазомини миллӣ, фарҳангӣ ва инсонии он ихтисос дорад.

**Бахши дувум:**

Ки муҳимтарин бахши пажӯҳиш ба шумор меравад, ба баррасии ду достони барҷастаи ин маҷмуа, яъне достони "Амвоҷи ҳастӣ" ва "Қиссаи мурғи Самандар" пардохта аст, зеро ин достонҳо аз назари фикрӣ, адабӣ ва миллӣ ҷойгоҳи вижае дар миёни ашъори шоир доранд.

**Мабҳаси аввал:**

Зиндагиномаи шоир Беҳрӯзи Забеҳулло, таҳсилот ва фаъолиятҳои илмӣ, осори адабӣ, шеваи шеърӣ, дидгоҳи мунтақидон дар бораи ӯ.

**Мабҳаси дуввум:**

Сохтори адабии маҷмуа, гунашиносии шеър ва баррасии вижагиҳои фаннӣ ва ҳунарии ашъори шоир

**Мабҳаси севум:**

Баррасии маснавии "Амвоҷи ҳастӣ", муҳимтарин андешаҳо ва мафоҳими матраҳшуда дар он.

**Мабҳаси чаҳорум:**

Баррасии маснавии "Қиссаи мурғи Самандар", муҳимтарин андешаҳо ва мафоҳими матраҳшуда дар он.

**Дар поён:** натиҷагирии пажӯҳиш ва сипас манобеъ ва маохиз.

# БАХШИ НАХУСТ

# БАРРАСИИ АШЪОРИ МАҶМУАИ

# “АЗ БАЛХ ТО БУХОРО”

# АСАРИ ШОИР

# БЕҲРӮЗИ ЗАБЕҲУЛЛО

**Мабҳаси аввал:**

Зиндагиномаи шоир Беҳрӯзи Забеҳулло, таҳсилот ва фаъолиятҳои илмӣ, осори адабӣ, шеваи шеърӣ ва дидгоҳи мунтақидон дар бораи ӯ.

**Дар бораи шоир**

Беҳрӯзи Забеҳулло (мутаваллиди 1968 мелодӣ) шоир, нависанда, рӯзноманигор, пажӯҳишгар ва шахсияти фарҳангии муосири тоҷик аст. Ӯ афзун бар сароиши шеърҳое бо мазомини ҳувияти миллӣ, иҷтимоию ватандӯстона, таҳқиқоти ҷомее дар заминаи накду баррасии шеъри муосири порсӣ анҷом додааст.

**Зиндагинома ва фаъолиятҳо:**

**Зодрӯз ва зодгоҳ:**

Беҳрӯзи Забеҳулло дар 30 июни соли 1968 дар деҳаи Рузвайи ноҳияи Дарвози[1] Вилояти мухтори кӯҳистони  Бадахшони Тоҷикистон чашм ба ҷаҳон кушуд.

**Таҳсилот:**

Вай таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи худро дар зодгоҳаш ба поён бурд, сипас таҳсилоти худро дар факултаи филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба поён расонд

Беҳрӯз таҳсилоти худро дар ҳавзаҳои адабӣ ва фарҳангӣ дар донишгоҳҳои Эрон ва Тоҷикистон ба поён расонд.

Ӯ аз даврони ҷавонӣ ба шеъру адаб ва фаъолиятҳои фарҳангӣ алоқаманд буд ва ба тадриҷ вориди арсаи рӯзноманигорию расонаӣ шуд.

Беҳрӯзи Забеҳулло фаъолияти ҳирфаии худро нахуст ба унвони хабарнигор ва нависанда оғоз карду солҳо дар расонаҳо ва матбуоти Тоҷикистон ба фаъолият пардохт. Ӯ дар идома дар ниҳодҳои фарҳангию расонаии Тоҷикистон масъулиятҳои муҳиме бар уҳда гирифту муддате дар

[1] Дарвоз: Дарвоз яке аз манотиқи торихӣ ва куҳистонии Тоҷикистон дар вилояти Бадахшон аст, ки  дар марзи миёнаи Тоҷикистон ва Афғонистон қарор дорад. Ин минтақа бо табиати зебо, фарҳанги куҳан ва нақши таърихии худ  дар тамаддуни форсу тоҷик шуҳрат дорад ва бисёре аз шахсиятҳои фарҳангӣ ва адабии тоҷик аз он бархостааанд. Дарвоз аз гузашта яке аз марказҳои муҳими фарҳангӣ ва адабӣ дар Бадахшон ба шумор мерафт ва мардуми он ба ҳифзи забони форсӣ, суннатҳои миллӣ ва арзишҳои фарҳангии тоҷикон аҳамияти фаровон  қоил буданд. Ин минтақа ҳамчунин ба сабаби мавқеияти ҷуғрофии худ дар пайвандҳои фарҳангӣ ва торихӣ миёни сарзаминҳои форсзабон нақши муҳиме ифо кардааст. (“Ғафуров Бобоҷон, тоҷикон, ҷилди 2, чопи Душанбе: Интишороти Ирфон, 1989, С 321.)

кумитаи радио ва телевизиони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси ёвари раиси кумита ва сипас муовини сармуҳаррири радиои “Садои Душанбе” фаъолият кардааст. Вай беш аз ду даҳа дар арсаи фарҳанг, адабиёт ва расона ҳузури фаъол дошта, аз чеҳраҳои шинохтаи адабиёти муосири Тоҷикистон ба шумор меравад[1].

**Ҳирфаи адабӣ ва пажӯҳишӣ:**

Беҳрӯзи Забеҳулло аз соли 2005 узви Иттиҳоди хабарнигорони Тоҷикистон ва аз соли 2015 узви Иттиҳоди нависандагони Тоҷикистон аст.

Соли 2017 корманди илмии пажӯҳишгоҳи мероси хаттии Академии улуми Тоҷикистон ва солҳои 2020-2022 муовини аввали раиси нашриёти “Адиб” кору фаъолият намудааст.

Аз соли 2022 то кунун мудири шуъбаи адабиёти муосири пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи улуми Тоҷикистон аст.

Беҳрӯз ба унвони яке аз мудирон ва муҳаққиқони шинохтаи адабиёт дар Академияи улуми Тоҷикистон фаъолият дошта, мақолоти мутааддиде дар заминаи бозшиносии ҷараёнҳои шеъри Тоҷикистон ба риштаи таҳрир даровардааст[2].

Беҳрӯз афзун бар забони форсии тоҷикӣ, бо забони русӣ низ ошноӣ дорад ва пайрави мактаби шоири бузурги Тоҷикистон Муъмин Қаноат[3] -- барҷастатарин чеҳраҳои адабиёти муосири Тоҷикистон ва аз пешгомони шеъри миллӣ ва адабиёти муқовимат дар ҷаҳони форсизабон ба шумор меравад[4].

---

[1] Яъқуби Ясно: Сирати миллат, забони миллат аст”. Таҳлили дафтари шеър: “Шукӯҳи истиқлол”, асари Беҳрӯзи Забеҳулло, октябри 2025. https://sayedkayan.org/fa/archives/1582?amp=1

[2] Манбаъи ин матолиб мукотибот ва паёмҳои мактуби шоир Беҳрӯз ба пажӯҳишгар дар шабакаҳои иҷтимоӣ аст.

[3] Муъмин Қаноат яке аз барҷастатарин шоирони муосири Тоҷикистон ва аз чеҳраҳои муҳимми адабиёти форсии тоҷикӣ дар садаи бистум аст. Вай дар соли 1932 дар шаҳристони Дарвози Тоҷикистон зода шуд ва дар соли 2018 даргузашт. Ашъори ӯ бештар бар ҳувияти миллӣ, таърихи тоҷикон, озодӣ ва арзишҳои инсонӣ тамаркуз дорад ва дар бедории фикрӣ ва фарҳангии миллати тоҷик нақши муҳимме доштааст. Мактаби адабии Муъмин Қаноат бар пайванди миёни шеъри ҳамосӣ, андешаи миллӣ ва арзишҳои фарҳангӣ устувор аст. Ӯ дар осори худ кӯшид руҳи меҳанпарастӣ ва ифтихор ба таъриху тамаддуни тоҷиконро зинда нигаҳ дорад. Забони шеъри ӯ омезае аз сабки классикии форсӣ ва баёни муосир аст ва аз Рӯдакӣ ва дигар бузургони адаби форсӣ таъсир пазируфтааст (Қаноат, Муъмин. Куллиёти ашъор, чопи Душанбе, интишороти “Адиб”, 2002, саҳ 9).

[4] Шоёни зикр аст, ки пажӯҳишгари ин пажӯҳиш доктор Асмо Амин пештар пажӯҳише бо унвони “Муъмин Қаноат; пешгоми адабиёти муқовимат дар Тоҷикистон” ироа кардааст. Ин пажӯҳиш дар соли 2020 дар ҳамоиши “Аддурусот-ул-байиния”-и донишкадаи адабиёти донишгоҳи Ал-Қоҳира ироа ва мунташир шуд. Дар ин пажӯҳиш ҷойгоҳи адабӣ ва фикрии Муъмин Қаноат дар адабиёти муосири Тоҷикистон баррасӣ шуда ва бахше мустақил ба муаррифии минтақаи таърихии Дарвоз, мафҳуми адабиёти муқовимат ва вижагиҳои

Беҳрӯзи Забеҳулло мунтазам дар нишасту ҳамоишҳои фарҳангию адабӣ дар дохил ва хориҷи Тоҷикистон ширкат мекунад. Сафарҳои фарҳангӣ ва адабии ӯ бештар дар ростои муаррифии фарҳанги тоҷикон, забони форсӣ ва густариши равобити фарҳангӣ миёни кишварҳои форсизабон будааст.

Беҳрӯзи Забеҳулло акнун ба унвони шахсияти илмию фарҳангӣ ва академикӣ дар ҳавази адабиёт ва ҳувияти фарҳангии тоҷикон шинохта мешавад ва дар барномаҳои илмӣ, пажӯҳишӣ ва адабӣ ҳузури фаъол дорад. Осор ва дидгоҳҳои ӯ дар миёни насли ҷавони Тоҷикистон ҷойгоҳи вижае ёфта ва бисёре ӯро аз шоирони миллигарои муосири тоҷик медонанд[1].

Беҳрӯзи Забеҳулло номзади илмҳои филологӣ буда, дар мавзуи "Таҳаввули шеър дар адабиёти тоҷики замони Шуравӣ" рисолаи илмии худро дифоъ кардааст. Ҳамчунин таҳқиқоти ӯ дар ҳамин замина зери унвони "Қиссаи мурғи Самандар: сарнавишти адабиёти тоҷик дар замони шуравӣ" (Машҳад, 2011), "Зангулазанон гузашт борон: сайре дар шеъри муосири тоҷик" (ҳаммуаллифӣ, Кобул, 2012), "Таҳаввули шакл ва муҳтавои назми тоҷик дар асри бист" (Душанбе, 2020), рисолаи "Офтобе дар миёни сояе: шарҳи мухтасари муҳимтарин мавзуъҳои "Маснавии маънавӣ"-и Ҷалолиддини Балхӣ" (Душанбе, 2022), "Андешаҳои дунявӣ дар адабиёти классикии форсу тоҷик" (Кори муштарак, Душанбе, 2022) ва "Адабиёт ва ҳувияти миллӣ (Душанбе, 2025) мунташир шудаанд[2].

Вай дорои хонавода ва фарзанд аст ва дар зиндагии шахсӣ низ ба арзишҳои фарҳангӣ, омӯзишӣ ва тарбияти насли ҷавон аҳаммияти фаровон медиҳад. Бозтоби мафоҳиме чун хонавода, Меҳан, ҳувият ва масъулияти иҷтимоиро метавон дар бисёре аз ашъори ӯ мушоҳида кард.

**Муҳимтарин осори шоир Беҳрӯзи Забеҳулло:**

**Осор ва сабки шеърӣ:**

Шеърҳои ӯ оинаи тамомнамои воқеиятҳои ҷомеаи Тоҷикистон ва арзишҳои тамаддуни муштараки порсизабонон аст. Вай дар ашъораш ба мафоҳиме чун ҳувият, истиқлол, пайванд ба ҳавзаи тамаддунии Хуросони бузург ва пойдории миллӣ мепардозад. Аз дафтарҳои шеър ва манзумаҳои

---

мактаби адабии Муъмин Қаноат ихтисос ёфтааст. Ҳамчунин нақши шеъри муқовиматро дар ҳифзи ҳувияти миллӣ ва фарҳангии тоҷикон таҳлил кардааст. Барои огоҳии бештар ба маҷмуаи мақолоти "Аддурусот-ул-байиния"--и, донишгоҳи Қоҳира, соли 2020 муроҷиъа кунед.

[1] Доктор Яъқуби Ясно: Забеҳулло Беҳрӯз, "Аз Балх то Бухоро", чопи нахуст, Кобул: "Нашри Мавлоно", 1405, саҳ 7-10.

[2] Манбаъ: мукотибот ва паёмҳои мактуби шоир Беҳрӯз ба пажӯҳишгар дар шабакаҳои иҷтимоӣ аст.

шинохташудаи ӯ метавон ба “Шукӯҳи истиқлол”, “Яштҳои ватандорӣ”, “Ошёни уқобон” ва достони “Қиссаи мурғи Самандар” ишора кард. Вай ҳамчунин таҷрибаи фаъолият дар заминаи сабкҳои навини шеърӣ монанди қолаби “Зулол”-ро дар корномаи худ дорад ва дар густаришу муаррифии ин қолаби адабӣ саҳм доштааст.

**Маҷмуаҳои шеърӣ:**

**1. “Ғамамро шеър кардам” (Душанбе, 1999).**

Ин маҷмуа бозтобе аз дардҳо, дилтангиҳо ва таҷрибаҳои отифии шоир аст, ки бо забоне самимӣ ва тасвирӣ баён шудааст. Шоир ранҷҳои фардӣ ва иҷтимоиро ба шеър табдил мекунад ва аз дили андӯҳ умеду пойдорӣ меофаринад.

**2. “Танҳо барои худ” (Душанбе, 2002).**

Ин маҷмуа нигоҳе дарунгароёна ба эҳсосот, хотироту тамоюлҳои шахсии шоир дорад. Ашъори ин маҷмуа ҷустуҷӯи ҳувияти фардӣ ва маънои зиндагиро дар фазое ором ва андешамандона ба тасвир мекашад.

**3. “Сипоҳи сухан” (Душанбе, 2021).**

Асари адабӣ ва фарҳангӣ, ки дар он нақши шеър ва қалам дар бедории иҷтимоӣ ва ҳифзи фарҳанги миллӣ барҷаста шудааст[1]. Зимнан, маҷмуаи “Сипоҳи сухан” аз сӯйи Вазорати фарҳанги Тоҷикистон ба унвони “Китоби сол” эътироф гардидааст.

**4. “Яштҳои ватандорӣ” (Душанбе, 2023).**

Асаре бо меҳварияти ишқ ба Меҳан, истиқлоли Тоҷикистон ва посдорӣ аз арзишҳои миллӣ ва фарҳангии тоҷикон.

**5. “Ошёни уқобон” (Душанбе, 2024).**

Маҷмуаи шеърӣ бо дарунмояҳои миллӣ, меҳанӣ ва ҳамосӣ, ки шоир дар он аз иззат, озодӣ ва ҳувияти тоҷикон сухан мегӯяд. Маҷмуаи мазкур ба хатти форсӣ нашр шудааст.

**6. “Шукӯҳи истиқлол” (Душанбе, 2025)**

[1] Мукотибот ва паёмҳои катбии шоир ба пажӯҳишгар дар шабакаҳои иҷтимоӣ.

Ин маҷмуа бо меҳварияти ҳувияти миллӣ, озодӣ ва дастовардҳои истиқлоли Тоҷикистон суруда шудааст. Шоир бо забоне ҳамосӣ ва ифтихоромез арзишҳои меҳанӣ ва нақши истиқлол дар шукуфоии фарҳангӣ ва иҷтимоии кишварашро ситоиш кардааст.

**8. "Аз Балх то Бухоро" (Канада, 2026).**

Маҷмуае аз ғазалҳо, шеърҳои гуногун, мухаммасҳо ва достонҳои "Амвоҷи ҳастӣ" ва "Қиссаи мурғи Самандар" ба хатти форсӣ аст, ки дар он шоир ба ҳувияти миллии тоҷикон, фарҳанги форсии тоҷикӣ, истиқлолу бедории фикрӣ мепардозад. Ин асар аз муҳимтарин осори адабии Беҳрӯзи Забеҳулло ба шумор меравад[1].

**Маҷмуаи мақолот:**

Забеҳулло мураттиби китобу рисолаҳои "Ҳикмати авлиё" (Душанбе, 2007), "Андешаҳои сиёсӣ дар садри ислом" (Душанбе, 2005), "Девони ашъор"-и Шамсиддин Шоҳин (кори муштарак, Душанбе 2018), "Ба дида нақши рӯйи ту": ёдномаи устод Муъмин Қаноат (Душанбе, 2018), "Ҳамосаи Панҷшер"; маҷмуаи ашъори шоирони Тоҷикистон дар бораи авзои Афғонистон (Душанбе, 2021), "Менигарему меравем": ёдномаи устод Ҷӯрабек Назрӣ (Душанбе, 2021), "Шукӯҳи сухан": маҷмуаи осори Муъмин Қаноат (Душанбе, 2022), "Суханро қудрати ҷонофарин бахшид": маҷмуаи мақолот дар бораи Муъмин Қаноат (Душанбе, 2022), "Ҳаёт, адабиёт, реализм" (ҷилди 6)-и Соҳиб Табаров (Душанбе, 2024), "Андарзҳои шоҳона аз "Шоҳнома" (Душанбе, 2026), "Фозиле, хунёгаре, соҳибдиле": маҷмуаи мақолот дар бораи донишманду ҳунарманди тоҷик Ҷӯрабек Назрӣ (Душанбе, 2026) мебошад[2]

**Шоири миллигаро ва рисолати фарҳангии шеър**

Беҳрӯзи Забеҳулло дар маҷмуаи "Аз Балх то Бухоро" ва "Шукӯҳи истиқлол" ва дар дафтарҳои пешинаш, чун "Яштҳои ватандорӣ" ва "Ошёни уқобон" рисолати адабии худро дар ривоҷи арзишҳои фарҳангӣ ва ҳувияти миллии тоҷикон мебинад. Ӯ шоири миллигароест, ки шеърро абзори тақвияти руҳи миллӣ ва фарҳангӣ медонад.

---

[1] Яъқуби Ясно: Сирати миллат, забони миллат аст". Таҳлили дафтари шеър: "Шукӯҳи истиқлол", асари Беҳрӯзи Забеҳулло, октябри 2025. https://sayedkayan.org/fa/archives/1582?amp=1

[2] Мукотибот ва паёмҳои катбии шоир бо пажӯҳишгар дар шабакаҳои иҷтимоӣ.

Шоир бар ин бовар аст, ки миллати тоҷик танҳо аз раҳгузари огоҳии фарҳангӣ метавонад дар ҷаҳони муосир ҷойгоҳи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии худро ҳифз ва тақвият кунад. Дар натиҷа, шеър на фақат ҳунар, балки василае барои тақвияти шуури ҷамъӣ ва истиқлоли маънавии миллат аст.

**Вижагиҳо ва сабки шеърии Беҳрӯзи Забеҳулло**

Беҳрӯзи Забеҳулло аз шоирони асаргузори муосири форсизабон аст, ки шеъри ӯ омезае аз суннат, ҳикмат ва масоили иҷтимоист. Ӯ бо такя бар забони фохири форсӣ ва баҳрагирӣ аз зарфиятҳои мусиқиёии шеъри классикӣ тавонистааст осоре мондагор офарад. Дар ашъори вай метавон пайванди амиқ бо адабиёти классикии форсӣ, ба вижа суннати ғазалсароӣ ва тасвирҳои ирфониро мушоҳида кард. Бисёре аз мунтақидони адабӣ вайро аз муҳимтарин шоирони ҳувиятгарои муосир медонанд. Шеъри ӯ аз назари мазмун, пайванди амиқе бо фарҳанги тоҷикӣ ва хуросонӣ дорад ва дар осораш метавон таъсири Фирдавсӣ[1], Иқболи Лоҳурӣ[2], Бедили Деҳлавӣ[3] ва Мавлоноро[4] мушоҳида кард.

**Ҳамоҳангии андешаи шоир бо дидгоҳи фарҳангии раҳбари давлат**

Нигоҳи шоир дар маҷмуаи "Аз Балх то Бухоро" бо дидгоҳи фарҳангии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Раисҷумҳури Тоҷикистон ҳамсӯ аст, чунон ки эшон мефармояд: "Агар дар фарҳанги як ҷомеа халои фарҳангие ба миён

---

[1] Фирдавсӣ – шоири бузурги ҳамосасарои эронӣ ва сароящдаи "Шоҳнома" дар ҳудуди 940-и мелодӣ дар Тӯс зода шуд ва дар ҳудуди 1020 мелодӣ дар ҳамон ҷо даргузашт. Ӯ бо сурудани "Шоҳнома" нақши бузурге дар ҳифзи забони форсӣ ва ҳувияти фарҳангии эрониён ва форсизабонон ифо кард.

Сафо, Забеҳулло. Таърихи адабиёти Эрон, ҷилди 1, чопи Теҳрон, Интишороти "Фирдавс", 1378, саҳ 24.

[2] Иқболи Лоҳурӣ- Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ шоир ва андешаманди барҷастаи форсигӯйи шибҳи қора соли 1877-и мелодӣ дар Сиёлкут зода шуд ва сли 1938 дар Лоҳур даргузашт. Ӯ аз муҳимтарин чеҳраҳои фикрии ҷаҳони ислом дар садаи бистум ба шумор меравад ва ашъораш бештар бар бедории миллатҳо, худшиносӣ ва эҳёи ҳувияти динию фарҳангӣ таъкид дорад.

Растагор, Фасой, Мансур. Анвои шеъри форсӣ. – чопи Теҳрон: "Интишороти Самт", 1388, саҳ 312.

[3] Бедили Деҳлавӣ – Абулмаонӣ Мирзо Абдулқодири Бедили Деҳлавӣ, шоири бузурги порсигӯйи Ҳинд ва аз номдортарин намояндагони сабки ҳиндӣ дар шеъри форсӣ аст. Осори ӯ омехта бо мафоҳими ирфонӣ, фалсафӣ ва тамоюлоти амиқи инсонӣ аст ва дар миёни форсизабонони Тоҷикистон, Афғонистон ва Ҳинд ҷойгоҳи вижае дорад.

Растагор Фасой, Мансур. Анвои шеъри форсӣ. – Чопи Теҳрон: "Интишороти "Самт", 1388, саҳ 314.

[4] Мавлоно Ҷалолиддин Муҳаммади Балхӣ – шоир, ориф ва андешаманди бузурги порсизабони садаи ҳафтуми ҳиҷрӣ аст, ки соли 1207 дар Балх зода шуда ва соли 1273 дар Қуния даргузашт. Ӯ бо осре чун "Маснавии маънавӣ" ва "Девони Шамс" аз бузургтарин чеҳраҳои ирфон ва адабиёти форсӣ ба шумор меравад ва ашъораш саршор аз мафоҳими ишқ, инсондӯстӣ ва маърифати илоҳист.

Муваҳҳид, Муҳаммадалӣ. Мавлоно Ҷалолиддин; зиндагӣ, фалсафа ва осор. – Теҳрон: нашри "Корнома", 1384, саҳ 43.

омад, он халои фарҳангӣ тавассути фарҳанги дигарон пур мешавад, бино бар ин нагзоред, ки халое дар фарҳангатон рух диҳад”[1].
Шоир бо забони шеър ҳамин андешаро дар қолабе ҳунарӣ баён мекунад ва мардумро ба худогоҳии фарҳангӣ ва ҳувияти миллӣ фаро мехонад, то истиқлоли Тоҷикистон, на танҳо дар сиёсат, балки дар фарҳангу андеша низ устувор бимонад.

## Иллати интихоби унвони “Аз Балх то Бухоро”[2] барои ин маҷмуа чист?

Ин ду шаҳр чи ҷойгоҳи таърихӣ, фарҳангӣ ва намодине дар ҷаҳонбинии шоир доранд, ки аз миёни дигар манотиқ ва марокизи тамаддуни форсизабон баргузида шудаанд?
Пажӯҳишгар аз шоир пурсид: Иллати интихоби унвони “Аз Балх то Бухоро” барои ин маҷмуа чист?
Шоир ҷавоб доданд: мунтаҳо дар бораи Балху Бухоро бояд амиқтар рафт. Балх[3] хостгоҳи зуҳури дини Зардушт, маҳалли оташкадаи “Навбаҳор” ва намоди ҳувияти пешазисломии мо аст ва Бухоро намоди тамаддуни исломии тоҷикон. Ин ду шаҳр дар шаклгирии ҳувият, маънавият ва тамаддуни форсизабонон нақши калидӣ ифо кардаанд.

**Орои мунтақидон дар бораи Беҳрӯзи Забеҳулло:**

Бисёре аз мунтақидону пажӯҳишгарони адабиёти муосири Тоҷикистон Беҳрӯзи Забеҳуллоро аз чеҳраҳои барҷастаи шеъри миллӣ ва ҳувиятмеҳвар дар адабиёти муосири форсии тоҷикӣ медонанд. Онон муътақиданд, ки вай тавонистааст миёни суннати бошукӯҳи шеъри классикии форсӣ ва дағдағаҳои иҷтимоӣ ва фарҳангии инсони муосир пайванде муваффақ барқарор кунад.
Бархе мунтақидон забони шеъри ӯро фохир, оҳангин ва саршор аз тасвирҳои адабӣ дониста ва таъкид кардаанд, ки шеъри ӯ идомадиҳандаи суннати ҳамосӣ ва фарҳангии шоироне чун Фирдавсӣ, Иқболи Лоҳурӣ ва Муъмин Қаноат аст. Аз диди онон Беҳрӯзи Забеҳулло шеърро танҳо василае барои баёни эҳсосоти фардӣ намедонад, балки онро абзоре барои бедории миллӣ, ҳифзи забони форсӣ ва посдорӣ аз ҳувияти фарҳангии тоҷикон қарор додааст.

---

[1] Яъқуби Ясно: Сирати миллат, забони миллат аст”. Таҳлили дафтари шеър: “Шукӯҳи истиқлол”, асари Беҳрӯзи Забеҳулло, октябри 2025. https://sayedkayan.org/fa/archives/1582?amp=1
[2] Яъқуби Ясно: Сирати миллат, забони миллат аст”. Таҳлили дафтари шеър: “Шукӯҳи истиқлол”, асари Беҳрӯзи Забеҳулло, октябри 2025. https://sayedkayan.org/fa/archives/1582?amp=1
[3] Балх аз куҳантарин шаҳрҳои ҳавзаи тамаддуни эронӣ ва Хуросони бузург аст, ки пешинаи таърихии он ба ҳазораи нахусти пеш аз мелод бозмегардад.

Мунтақидон ҳамчунин бар ин боваранд, ки маҷмуаи “Аз Балх то Бухоро” аз муҳимтарин осори ҳувиятмеҳвар дар шеъри муосири Тоҷикистон ба шумор меравад; зеро шоир дар ин асар гузаштаи пурифтихори тоҷикон, шукӯҳи Хуросони бузург ва азамати тамаддуни форсиро бо забоне ҳунармандона ва таъсиргузор зинда кардааст. Ба эътиқоди онон ашъори ӯ руҳи умед, худбоварӣ, муқовимат ва ишқ ба Ватанро дар насли ҷавон тақвият мекунад ва аз ҳамин рӯ осораш фаротар аз шеър, ҷанбаи фарҳангӣ ва тамаддуни ёфтааст[1].

**Мутолиа ва баррасии китоб:**

Аз он ҷо, ки асари “Аз Балх То Бухоро” аз муҳимтарин осори ӯ ба шумор меравад, дар ин пажӯҳиш ба сурати муфассал баррасӣ хоҳад шуд. Ва ин ду достони “Амвоҷи ҳастӣ” ва “Қиссаи мурғи Самандар” ба сабаби аҳаммияти фаровони адабӣ, фарҳангӣ ва миллии худ дар поёни пажӯҳиш ба сурати мустақил ва муфассал баррасӣ хоҳанд шуд; зеро ин достонҳо ҳусни хитоми маҷмуа ва барҷастатарин бахши он ба шумор мераванд.

Нахустин бахши китоб муқаддимаи доктор Яъқуби Ясно аст, ки дар он ба муаррифии Беҳрӯзи Забеҳулло, вижагиҳои шеърии ӯ ва ҷойгоҳи маҷмуаи “Аз Балх то Бухоро” дар адабиёти муосири форсии тоҷикӣ пардохта шудааст.

**Пешгуфтори доктор Яъқуби Ясно[2]**

Яке аз муҳимтарин бахшҳои китоби “Аз Балх то Бухоро” пешгуфтори олимона ва адибонаи доктор Яъқуби Ясно аст. Вай дар ин муқаддима, Беҳрӯзи Забеҳуллоро шоири миллигаро ва посдори ҳувияти фарҳангии тоҷикон муаррифӣ мекунанд. Доктор Ясно муътақид аст, ки шоир аз зарфияти адабиёти форсӣ барои бедории миллӣ ва фарҳангӣ баҳра гирифта ва шеърро абзоре барои ҳифзи истиқлоли фарҳангӣ медонад.

Дар ин пешгуфтор омадааст, ки шеърҳои ин маҷмуа на танҳо баёни эҳсосоти фардии шоир, балки талоше барои дифоъ аз арзишҳои тамаддунӣ ва фарҳангии миллати тоҷиканд. Ясно таъкид мекунад, ки шоир бо илҳом аз Фирдавсӣ, Мавлоно, Саъдӣ[3] ва Иқболи Лоҳурӣ шеърро дар хидмати огоҳии

---

[1] Ясно, Яъқуб, муқаддимаи китоби “Аз Балх то Бухоро”, чопи нахуст, Кобул: “Нашри Мавлоно”, 1405, саҳ 7-10

[2] Доктор Яъқуби Ясно – пажӯҳишгар, шоир ва мунтақиди муосири Афғонистон аст, ки дар ҳавзаи адабиёт, ҳувияти фарҳангӣ ва нақди адабӣ фаъолияти густарда дорад. Ӯ дар осору пажӯҳишҳои худ бештар бар масъалаи ҳувияти миллӣ, забони форсӣ ва ҷойгоҳи фарҳанг дар ҷаҳони муосир таъкид мекунад. Ясно, Яқуб. Даромаде бар нақди адабии муосир. – Чопи Кобул: Интишороти “Ток”, 1398, саҳ 12.

[3] Саъдии Шерозӣ – Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ шоиру нависандаи бузурги забони форсӣ дар садаи ҳафтуми ҳиҷрӣ аст, ки дар ҳудуди соли 1210 дар Шероз зода шуд ва дар ҳудуди соли 1292 дар ҳамон ҷо

миллӣ қарор додааст. Ин муқаддима нишон медиҳад, ки “Аз Балх то Бухоро” асаре сирфан адабӣ нест, балки санаде фарҳангӣ ва ҳувиятист, ки барои насли муосир аҳамияти фаровон дорад.

Доктор Яъқуби Ясно дар муқаддимаи китоб низ ба аҳамияти вижаи достонҳои “Амвоҷи ҳастӣ” ва “Қиссаи мурғи Самандар” ишора мекунад ва онҳоро аз амиқтарин ва таъсиргузортарин бахшҳои маҷмуа медонад.
Вай ҳамчунин бар ин бовар аст, ки Беҳрӯзи Забеҳулло бо забоне ҳамосӣ ва андешаи равшан, тавонистааст шеърро ба расонае барои зинда нигаҳ доштани ҳофизаи таърихӣ ва фарҳангии тоҷикон табдил кунад. Аз нигоҳи Ясно, ин маҷмуа танҳо як дафтари шеър нест, балки нидое барои бедории миллӣ, ҳифзи забони форсӣ ва бозгашт ба азамати тамаддунии Хуросон ва тоҷикон ба шумор меравад.

Доктор Ясно дар идома таъкид мекунад, ки шоир бо баҳрагирӣ аз намодҳои таърихӣ, шахсиятҳои фарҳангӣ ва тасвирҳои бошукӯҳи адабӣ, руҳи умед, муқовимат ва худбовариро дар насли ҷавон тақвият карда ва мухотабро ба талош, дониш, иттиҳод ва посдорӣ аз ҳувияти миллӣ фаро мехонад. Ӯ муътақид аст, ки ин маҷмуа пайванде устувор миёни гузаштаи пурифтихори тоҷикон ва ормонҳои оянда барқарор сохтааст. Аз дидгоҳи доктар Ясно арзиши ин асар танҳо дар зебоиҳои ҳунарӣ ва забонии он хулоса намешавад, балки аҳамияти аслии он дар рисолати фарҳангӣ ва тамаддунии он нуҳуфтааст. Ба ҳамин сабаб вай аз “Аз Балх то Бухоро”-ро аз барҷастатарин ва асаргузортарин маҷмуаҳои шеъри муосири форсии тоҷикӣ медонад, ки метавонад дар бедории фикрӣ ва тақвияти руҳияи миллии насли муосир нақше мондагор дошта бошад[1].

даргузашт. Осори машҳури ӯ “Гулистон ва “Бӯстон” аз барҷастатарин осори адабиёти форсӣ ба шумор меравaнд ва саршор аз ҳикмат, ахлоқ ва омӯзаҳои инсониaнд. Мирсодиқӣ, Ҷамол. Таърихи адабиёти Эрон. – Теҳрон: Интишороти “Сухан”, 1385, саҳ 189.

[1] Ясно, Яъқуб, муқаддимаи китоби “Аз Балх то Бухоро”, чопи нахуст, Кобул: “Нашри Мавлоно”, 1405, саҳ 7-10

## Мабҳаси дувум:
## Сохтори адабии маҷмуа, гунашиносии шеър, баррасии вижагиҳои фаннӣ ва ҳунарии ашъори шоир

Сохтори адабии маҷмуа ва гунашиносии ашъор.

Ин маҷмуа ба чанд бахш ва мавзуи аслӣ тақсим шудааст, ки ҳар бахш бозтобдиҳандаи дағдағаҳои фикрӣ, фарҳангӣ ва адабии шоир мебошад. Бахши аввали китоб шомили ғазалҳост, ки шоир дар онҳо ба мазомини ишқ, ғурбат, Ватан ва эҳсосоти инсонӣ пардохтааст.

Бахши дуввуми китоб шеърҳои гуногунро дар бар мегирад, ки бештар дорои дарунмояҳои иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва фалсафӣ ҳастанд.

Бахши савум бо унвони “Замини сабзи Хуросон” ба ҳувияти таърихӣ ва тамаддуни Хуросони бузург ихтисос дорад ва шоир дар он аз Балх, Бухоро ва мероси фарҳанги форсзабонон сухан мегуяд.

Бахши чаҳорум шомили шеърҳои наврӯзӣ аст, ки дар он Наврӯз ба унвони намоди умед, зиндагӣ ва пайванди миллатҳои форсзабон муаррифӣ мешавад.

Бахши панҷуми китоб мухаммасҳоро дар бар мегирад, ки баёнгари тасаллути шоир бар қолабҳои классикии шеъри форсӣ аст.

Бахши шашум бахши поёнии китоб ду асари муҳим маснавии “Амвоҷи ҳастӣ” ва маснавии “ Қиссаи мурғи Самандар” аз аҳамияти вижа бархурдоранд ва метавон онҳоро авҷи фикрӣ ва ҳунарии маҷмуа донист. Ин фикр то ин ҷо борҳо такрор шудааст

Бар асоси феҳристи китоб, маҷмуаи “Аз Балх то Бухоро” ба чанд бахши умда тақсим мешавад:

● ғазалҳо

● шеърҳои гуногун

● силсилаи шеърҳои замини сабзи Хуросон

● силсилаи шеърҳои наврӯзӣ

● мухаммасҳо

● достонҳо[1]

● ин танаввуи қолабӣ нишондиҳандаи тавоноии шоир дар баҳрагирӣ аз шеваҳои мухталифи шеъри форсӣ аст. Шоир дар ғазалҳо бештар ба мазомини ишқ, ҳувият, фарҳанг ва Ватан мепардозад, дар ҳоле, ки достонҳо ва мухаммасҳо, ҷанбаҳои ҳакамию иҷтимоии бештаре доранд.

---

[1] - Беҳрӯз Забеҳулло, Аз Балх то Бухоро, Кобул: Нашри Мавлоно, 1405, С 2

## БАХШИ АВВАЛ: ҒАЗАЛ

Бахши ғазалҳои ин маҷмуа муҳимтарин ва густурдатарин бахши китоб аст. Дар бисёре аз ғазалҳои китоб ҳисси носталгия ва дилтангӣ барои гузаштаи фарҳангии Хуросон эҳсос мешавад. Шоир дар ин қисмат бо забони нарм ва мусиқоӣ аз ишқ, ватан, ҳувият ва фарҳанг сухан мегуяд. Ғазалҳои ӯ ёдовари сабки ироқӣ ва гоҳ наздик ба шеваи Бедили Деҳлавиянд.

Намуна:

Ба ошёни уқобон пари магас нарасад,
Ба умқи маънии борик фаҳми кас нарасад.
Агарчи ғулғулаи марг дар ҷаҳон ҷорист,
Вале ба гӯши карон бонги ин ҷарас нарасад.
Чӣ хӯш ба тутии озода гуфт мурғи асир,[1]
Тулуи субҳи саодат аз ин қафас нарасад.

Ин ғазал саршор аз тасвири намодин аст. Уқоб намоди бузургию иззат ва магас намоди фурумоягӣ аст. Шоир аз тариқи ин тақобул ба тафовути инсонҳои бузургу кучак ишора мекунад. Мусиқии дарунӣ ва ҳамоҳангии қофияҳо, зебоии хосе ба шеър бахшидааст. Ин тасвирсозӣ ёдоварии забони ҳамосаи Фирдавсӣ ва ҳикмати шеъри классикӣ аст.

### 2 – Шеърҳои гуногун

Бахши дувуми китоб шеърҳои мутафаррика (гуногун)-ро дар бар мегирад, ки бештар дорои дарунмояҳои иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва фалсафӣ ҳастанд. Дар бахши шеърҳои гуногун шоир озодии бештар дар баёни андешаҳо дорад. Ин ашъор гоҳ иҷтимоӣ ва гоҳ фалсафианд ва аз мушиклоти рӯзгори муосир сухан мегуянд.

Намуна:

Таҳзиби ҷонро аз худат оғоз кун, эй дӯст
Бо боли худ суи ҳадаф парвоз кун, эй дӯст
Ҳаргиз дили бегонагон бар мо намесӯзад
Бо қавми худ, бо ошноят роз кун, эй дӯст
Чашми тамаъ бар дигарон бастан зи нодонист,
Ҳар укдаи сарбастаро худ боз кун, эй дӯст[2].

Дар ин шеър, шоир ба худшиносӣ ва истиқлолфикрӣ даъват мекунад. Лаҳни пандомези шеър, ёдовари адабиёти таълимии классики форсӣ аст ва метавон таъсири Саъдӣ ва Саноиро дар он мушоҳида кард.

---

[1] Беҳрӯз Забеҳулло, Аз Балх то Бухоро, Кобул: Нашри Мавлоно, 1405, С 12

[2] Беҳрӯз Забеҳулло, Аз Балх то Бухоро, С.14

**3 – Силсилаи шеърҳои “Замини сабзи Хуросон”**

Ин бахш аз муҳимтарин бахшҳои китоб аст, зеро шоир дар он, Хуросонро на танҳо як ҷуғрофиё, балки як ҳувияти таърихию тамаддунӣ медонад. Аз Балх, Бухоро ва Самарқанд, шукӯҳи гузаштаи тамаддуни форсиро зинда мекунад, намуна:

Замини сабзи ватан аз кароматӣ Омуст
Чи бок қатрае аз Гангу аз Арас нарасад,
Ҳарими ишқ шариф асту дард мехоҳад
Дар ин диёр матое ба булҳавас нарасад
Навои борбад ба шоҳкори Фирдавӣ,
Касе, ки ёд наёрад, ба ёди кас нарасад[1].

Дар ин абёт, шоир аз аносири таърихӣ ва устураӣ барои тақвияти ҳиси миллӣ истифода мекунад. Ишора ба Борбаду Фирдавсӣ, пайванди шеърро бо мероси ҳунарӣ ва адабии Эрони фарҳангӣ нишон медиҳад.

**4 – Шеърҳои наврӯзӣ**

Наврӯз дар шеъри форсӣ ҳамеша намоди зиндагӣ, умед ва навзоӣ будааст. Шоир дар ин бахш Наврӯзро фаротар аз як ҷашн, ба унвони намоди ҳувияти муштараки миллатҳои форсизабон муаррифӣ мекунад, намуна:

Бо ҳариру парниён омад зи домони баҳор,
Ҷомаи садранг мепӯшад хиёбони баҳор.
Беҳтарин устоди ҳикматҳост Наврӯзи Аҷам,
Худ Фалотун мешавад кас дар дабистони баҳор.
Боз шеъри форсиро дар фалак хонад малак,
Бартар аз ин шеър набвад ҷуз ба девони баҳор.
То ки Балху Бомиён асту Бухорову Хутан,
Сабз бодо зиндагонӣ дар Хуросони баҳор!.[2]

Ин шеър саршор аз тасовири баҳорӣ ва умедбахш аст. Аз Наврӯз барои баёни орзуи таҷдиди ҳаёти фарҳангӣ ва иҷтимоӣ баҳра гирифтааст.

**5 - Мухаммасҳо**

Мухаммасҳои ин маҷмуа нишондиҳандаи тасаллути шоир бар қолабҳои классики шеъри форсӣ аст. Шоир дар ин бахш бештар ба ҳикмат, ирфону андешаҳои ахлоқӣ мепардозад.

Намуна:

Аз он ки тоҷикам, аз шони худ сипосгузорам,
Зи руҳи Рустами Дастони худ сипосгузорам,

---

[1] Беҳрӯз Забеҳулло, Аз Балх то Бухоро, С.14

[2] Беҳрӯзи Забеҳулло, Аз Балх то Бухоро, С.10

Зи обу хоки Хуросони худ сипосгузорам,
"Ман аз замини ниёкони худ сипосгузорам
Аз ин қаламрави армони худ сипосгузорам![1]".

Дар ин абёт, рухи ҳамосии “Шоҳнома” ҳузур дорад. Шоир бо ёдкард аз Рустам, ватандӯстӣ ва масъулияти ичтимоиро ситоиш мекунад.

**6 – Достонҳо**

Достонҳои китоб бештар ҷанбаҳои ривоятӣ ва ҳикамӣ доранд. Шоир дар ин қолаб, андешаҳои ирфонӣ ва иҷтимоии худро бо забони равону оҳангин баён мекунад.

Намуна:

Ин ҷаҳон равшан шавад бо нури чашм,
Сад ниҳон равшан шавад бо нури чашм.

Беҳтар аз ин чашм нури дил бувад,
Сад дареғи он ки кури дил бувад.

Гар набошад нури дил дар синаҳо,
Дида барбандед аз оинаҳо.

Чунки ин оина тимсоли дил аст,
Мастии девонаҳо аз маҳфил аст[2].

Ин достонҳо аз назари муҳтаво, ранги ирфонӣ дорад ва шоир беҳ зи ҳад, ишқу ҳақиқат ишора мекунад. Лаҳни шеър, ёдоварии достонҳои Мавлоно аст.

**7 – Бахши поёнӣ маҷмуабандии фарҳангӣ**

Бахши поёнии китоб ҳолати ҷамъбандигуна дорад ва шоир дар он, аз сарнавишти фарҳанги форсӣ, забони модарӣ ва ояндаи миллат сухан мегуяд. Ин нишондиҳандаи дағдағаи фарҳанги амиқи шоир аст, намуна:

Соиб набошӣ бигӯ як мисраи рангин,
Ё мисли Бедил дар сухан эъҷоз кун, эй дӯст.
Хони адаб ҷавлонагаҳ ҳарфу ҳиҷо бошад,
Аз ҷавҳари андешаат оғоз кун, эй дӯст[3].

[1] Беҳрӯз Забеҳулло, Аз Балх то Бухоро, Кобул: Нашри Мавлоно, 1405, С 219.
[2] Беҳрӯз Забеҳулло, Аз Балх то Бухоро, Кобул: Нашри Мавлоно, 1405, С 250.
[3] Беҳрӯзи Забеҳулло, Аз Балх то Бухоро, С.10

Дар ин бахш, шоир мухотабро ба ҳифзи забони форсӣ ва идомаи роҳи бузургони адаб даъват мекунад. Ёдкард аз Соибу Бедил нишондиҳандаи пайванди шоир бо суннати адабии сабки ҳиндӣ аст.
Шоир дар ин бахш, ба суннати шеъри форсӣ ишора мекунад ва чун номи Соиб[1] у Бедилро ба унвони қуллаҳои сабки ҳиндӣ ёд мекунад. Ин амр нишондиҳандаи дониши густурдаи адабии шоир аст.

**Таҳлили забон ва сабки шоиру тасвирсозӣ**

Забони шеъри Беҳрӯзи Забеҳулло забони фаррох, устувор, оҳангин ва саршор аз ҷилваҳои ҳунарӣ аст, ки реша дар суннати дурахшони шеъри классики форсӣ дорад. Шоир бо баҳрагирӣ аз вожагони асилӣ форсӣ, таркибҳои бадеъ ва таъбирҳои шоирона, тавонистааст миёни забони куҳан ва ниёзҳои фикрию иҷтимоии инсони муосир пайванди ҳунармандонае барқарор созад. Дар бисёре аз сурудаҳо, мусиқии даруни вожагон, ҳамоҳангии овоҳо ва такрори ҳунармандонаи бархе мафоҳим, ба шеъри ҳолати ҳамосӣ, отифӣ ва таъсиргузор бахшидааст.

Дар сатҳи услуб, шоир аз шеваи ҳамосӣ, хитобу бедоргар баҳра мебарад ва дар бисёре аз абёт, миллати тоҷикро ба бедорӣ, иттиҳод, талош, дониш, худбоварӣ ва бозгашт ба азамати таърихӣ фаро мехонад. Лаҳни ӯ дар бисёре аз бахшҳо ёдовари забони ҳамосии Фирдавсӣ аст ва аз руҳияи миллигароӣ ва ифтихор ба тамаддуни форсӣ-тоҷикӣ саршор аст. Ҳамчунин баҳрагирӣ аз ҷумалоти амрӣ, хитобҳои мустақим ва вожагони ангезиш, ба шеъри ӯ неруи таъсиргузор ва бедоркунанда бахшида аст.

Шоир афзун бар тасвирҳои табиӣ, аз намодҳо ва шахсиятҳои таърихӣ ва фарҳангӣ ҳамчун Балх, Бухоро, Рустам, Борбад, Рӯдакӣ ва “Шоҳнома” баҳра мегирад то пайванди шеърро бо ҳофизаи таърихӣ ва тамаддунии тоҷикон нишон диҳад. Ин намодҳо дар шеъри ӯ танҳо ишораҳои таърихӣ нестанд, балки нишонаҳое аз азамати гузашта, ҳувияти фарҳангӣ ва умед ба бозгашти даврони шукуҳу иқтидори тоҷиконанд.

Яке аз барҷастатарин вижагиҳои ин маҷмуа тасвирсозиҳои шоирона ва мусиқии латифи забон аст. Шоир аз аносири табиат ҳамчун гул, бод, борон ва руд барои интиқоли эҳсосот баҳра мегирад. Забони шеъри Беҳрӯзи Забеҳулло забоне фохир, оҳангин ва саршор аз тасовири адабӣ аст. Шоир аз таркибҳои

---

[1] - Соиби Табрезӣ: Мирзо Муҳаммадали Соиби Табрезӣ, шоири барҷастаи садаи ёздаҳуми ҳиҷрӣ ва аз бузургтарин намояндагони сабки ҳиндӣ дар шеъри форсӣ аст. Вай дар ҳудуди соли 1401 дар Табрез зода шуд ва дар соли 1477-ум дар Исфаҳон даргузашт. Шеъри ӯ ба далели мазмуни ирфонӣ, тасвирҳои хаёлангез ва ҳикматҳои латиф шуҳрати фаровон дорад. Дастғайб, Абдулалӣ, Сабки ҳиндӣ ва Соиби Табрезӣ, чопи Теҳрон: Нашри Қатра, 1381, С. 78

хаёлангез ва вожагони асили форсӣ баҳра мегирад ва мусиқии дарунии шеъри ӯ бисёр чашмгир аст. Дар бисёре аз ашъор такрори вожагони марбут ба Ватан, миллат, нур, ишқ ва таърих дида мешавад, ки сабаби эҷоди ваҳдати маъноӣ дар саросари асар шудааст. Ҳамчунин шоир аз намодҳои таърихӣ, монанди Балх, Бухоро, Рустам, Фирдавсӣ ва Борбад[1] истифода мекунад то пайванди шеърро бо тамаддуни эронӣ-тоҷикӣ нишон диҳад. Аз дигар вижагиҳои барҷастаи ин маҷмуа ҳамоҳангӣ миёни маъно ва мусиқии шеър аст. Вазн, оҳанг, такрори вожагон ва чиниши ҳунармандонаи иборот боис шудааст, ки шеърҳо илова бар арзишҳои фикрию фарҳангӣ, аз зебоӣ ва мусиқиёии вижае низ бархӯрдор бошанд. Ҳамин амр сабаб мешавад, ки ашъори Беҳрӯзи Забеҳулло таъсири амиқ бар хонанда бар ҷой бигзоранд ва эҳсоси ғурур, бедорӣ ва тааллуқ ба ҳувияти таърихиро дар зеҳни мухотаб тақвият кунанд.

## Таҳлили адабӣ ва зебоишинохтии намунаҳои шеърӣ

Дар бисёре аз ғазалҳои китоб ҳисси носталгӣ ва дилтангӣ барои гузаштаи фарҳангии Хуросон дида мешавад. Шоир бо баҳрагирӣ аз вожагони классикӣ ва тасвирҳои ирфонӣ, фазои маънавии хосе меофаринад. Барои намуна дар бахше аз ашъор ёди Балху Бухоро на танҳо ёдовари макони ҷғрофиёӣ, балки намоде аз шукӯҳи тамаддуни форсӣ аст.

● **Намунаи нахуст аз ғазалҳо:**

Чу дарё роҳи худ рав, гарчи дунё дар муқобил аст,
Зихудбегонагонро ҳарфи ҳақ захри ҳалоҳил аст[2].

Дар ин абёт шоир “дарё”-ро намоди пойдорӣ, азамат ва ҳаракати мудовим қарор додааст. Тақобул миёни “дарё” ва “худбегонагон” нишондиҳандаи муборизаи ҳақиқат бо беҳувиятӣ ва ҷаҳли фарҳангӣ аст. Лаҳни шеър ҳикамию ҳамосӣ буда, мусиқии дарунии абёт истеҳкоми маъноии онро афзоиш додааст.

● **Намунаи дувум аз ғазалҳои ошиқона:**

Зи кӯи ёр насими баҳор меояд,
Аз он диёр фақат бӯйи ёр меояд[3].

---

[1] Борбад – мусиқидон ва ҳунарманди бузурги давраи Сосонӣ буд, ки дар дарбори Хусрави Парвиз шуҳрати фаровон дошт. Вай аз барҷастатарин чеҳраҳои ҳунар ва мусиқии Эрони бостон ба шумор меравад ва номи ӯ дар адабиёти форсӣ намоди завқи ҳунарӣ ва шукӯҳи фарҳангии эрониён аст. Машҳун, Ҳасан. Таърихи мусиқии Эрон, чопи Теҳрон: Интишороти “Дунёи китоб”, 1373, саҳ 98.

[2] Беҳрӯзи Забеҳулло, “Аз Балх то Бухоро”, саҳ 48.

Ин абёт саршор аз тасвирҳои латифу отифӣ аст. “Насими баҳор” намоди умеду тозагӣ аст ва шоир аз аносири табиат барои баёни эҳсосоти ошиқона ва носталги баҳра гирифтааст. Мусиқии нарму ҳамоҳанги шеър фазои ғиноии зебое падид овардааст.

● **Намунаи дигар аз ғазали ошиқона:**

Чи ошиқона, чи зебо, чи ноз меойӣ,
Ба қаҳр рафтаӣ аз мо ва боз меойӣ.
Бирав, бирав, ки надорам басе таҳаммули ту,
Биё, биё, ки аҷаб дилнавоз меойӣ[1].

Дар ин абёти шоир эҳсосоти ошиқона ва дилтангии худро нисбат ба маъшуқ баён мекунад. Ӯ яз як сӯ аз дурию бемеҳрии ёр шикоят дорад ва аз сӯйи дигар бозгашти маъшуқро мояи шодӣ ва оромиши дил медонад. Лаҳни шеър отифӣ ва саршор аз эҳсоси ишқу дилтангӣ аст. Такрори вожаҳои “бирав, бирав” ва “биё, биё” таззод миёни ранҷи фироқ ва шавқи дилро нишон медиҳад. Таркиботе чун “чӣ ошиқона” ва “дилнавоз” фазои латифу ошиқонаро тақвият кардааст. Мусиқии дарунӣ ва такрори афъол (феълҳо) ба шеър оҳанги нарму дилнишин бахшидааст.

● **Намунаи савум аз шеърҳои ҳувиятмеҳвар ва ватанӣ:**

● **Аз уммат то миллат: авлавияти андешаи миллӣ**

Агар Иқболи Лоҳурӣ дар андешаи фарҳангӣ ва адабии худ бар мафҳуми уммат таъкид дошта, Беҳрӯзи Забеҳулло бар меҳвари миллат таъкид меварзад. Ӯ бар ин бовар аст, ки миллат бояд дар авлавияти андешаи мардум ва давлати Тоҷикистон қарор гирад. Ин дидгоҳ ҳамсӯ бо сухани муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Раиси ҷумҳури Тоҷикистон аст, ки гуфтаанд: “Ман аввал тоҷик ҳастам[2]”.

Ин таъкид ба дурустӣ нишон медиҳад, ки дар ҷаҳони муосир миллатҳо нахуст бо фарҳанг, забон ва ҳувияти миллии худ шинохта мешавад, на сирфан бо дин ё тааллуқи мазҳабӣ. Агар фарҳангу забони миллате аз миён биравад, он миллат аз саҳфаи таърих ҳазф мешавад. Чунон ки миллатҳои ҷаҳон – аз фаронсавию олмонӣ то арабу турку эронӣ – ҳар як бо фарҳангу

---

[3] Беҳрӯз Забеҳулло, Аз Балх то Бухоро, Кобул: Нашри Мавлоно, 1405, С 55.

[1] Беҳрӯз Забеҳулло, Аз Балх то Бухоро, Кобул: Нашри Мавлоно, 1405, С 59.

[2] Яъқуби Ясно: Сирати миллат, забони миллат аст”. Таҳлили дафтари шеър: “Шукӯҳи истиқлол”, асари Беҳрӯзи Забеҳулло, октябри 2025. https://sayedkayan.org/fa/archives/1582?amp=1

забони миллияшон ҳувият меёбанд, тоҷик низ танҳо бо ҳифзу густариши ҳувияти фарҳангӣ ва забонии хеш метавонад мавҷудияти таърихии худро ҳифз кунад.

Намуна:

Бигӯ ба қиблапарастон, ки вақти ғавғо нест,
Маро ба ғайри Ватан қиблаи муҷалло нест[1].

Шоир дар ин бахш Ватанро ба унвони қибла ва маркази ҳувияти инсон муаррифӣ мекунад. Вожаи "қибла" бори маъноии динӣ ва намодин дорад ва ишқ ба Ватанро муқаддас ҷилва медиҳад. Ин абёт дорои фазои ватангароёна ва ҳувиятмеҳвар аст.

● **Намунаи дигар аз шеърҳои ҳувиятмеҳвар ва ватанӣ**

То ки бошад нури истиқлоли кишвар тобнок,
Сарнавишти тоҷикон то ҷовидон равшан шавад.

Халқи олам толиби сулҳу сафову дӯстист,
Дӯстиро пеша кун, то ки ҷаҳон равшан шавад.

Одамиятро набошад зиннате ғайр аз хирад,
Аз вуҷуди шамъ шоми ошиқон равшан шавад[2].

Дар ин абёт шоир бо лаҳне миллӣ ва умедбахш бар аҳамияти истиқлол, хирад ва дӯстӣ дар пешрафти ҷомеа таъкид мекунад. "Нури истиқлол" намоде аз озодӣ, иззат ва сарбаландии кишвар аст ва шоир бовар дорад, ки бо ҳифзи истиқлол ояндаи тоҷикон равшану пойдор хоҳад монд.

Дар байти дувум шоир сулҳу дӯстиро ниёзи асосии ҷаҳон медонад ва инсонҳоро ба муҳаббату ҳамзистӣ даъват мекунад. Таъбири "ҷаҳон равшан шавад" нишон медиҳад, ки оромишу пешрафти ҷомеа дар гарави дӯстию иттиҳод миёни мардум аст.

Дар байти савум низ "хирад" ба унвони бузургтарин зиннати инсон муаррифӣ шудааст. Шоир бо тасвири "шамъ" ва "равшан шудани шоми ошиқон" нақши ақлу доноиро дар ҳидояти инсон ва равшании зиндагӣ баён мекунад.

Аз назари адабӣ ин абёт дорои лаҳни таълимӣ ва меҳанпарастонаанд ва шоир бо истифода аз вожаҳое ҳамчун "нур", "равшан", "шамъ" ва "тобнок" фазое равшан, умедворона ва илҳомбахш офаридааст. Такрори вожаи

[1] Беҳрӯзи Забеҳулло, "Аз Балх то Бухоро", саҳ 31.

[2] Беҳрӯзи Забеҳулло, Аз Балх то Бухоро, С 101, 102.

“равшан” низ инсиҷоми маънои ва мусиқии дарунии шеърро тақвият карда, мафҳуми бедорӣ ва пешрафтро барҷаста кардааст.

● **Намунаи чаҳорум аз шеърҳои ҳикамию таълимӣ ва ангезишӣ**

Дар ин абёт шоир нақши “ғайрати миллӣ” ва эҳсоси масъулияти иҷтимоиро дар пешрафту истиқлоли Тоҷикистон баён мекунад. Ӯ аз шахсиятҳои барҷастае, монанди Садриддин Айнӣ ва Мирзо Турсунзода ёд мекунад, ки бо кӯшиши фарҳангӣ ва адабии худ муҷиби бедории миллати тоҷик шуданд. Шоир таъкид мекунад, ки истиқлолу ободонии кишвар натиаи ғайрат, ҳамбастагӣ ва талоши мардум аст. Таъбири “Зи ғайрат Тоҷикистон мустақил аст” нишон медиҳад, еи имтиқлоли кишвар танҳо бо шуҷоат, огоҳӣ ва ваҳдати миллӣ ҳифз мешавад. Ҳамчунин дар абёти поёнӣ, шоир мардумро ба мушорикат дар сохтани ояндаи кишвар даъват мекунад ва бовар дорад, ки бо “азми қавӣ” метавон бар мушкилот ва сахтиҳо ғалаба кард.

Зи ғурбат номи “Айнӣ” бар забон шуд,
Баландовоза бахти тоҷикон шуд.

Хуруши базми мо аз лутфи соқист,
Зи ғайрат номи Турсунзода боқист.

Ғурури офаринон кору таклиф,
Зи ғайрат “тоҷикон”-ро кард таълиф.

Зи ғайрат мешавад обод Роғун,
Мунаввар мешавад ин чархи гардун.

Зи беғайрат халоиқ дар хиҷил аст,
Зи ғайрат Тоҷикистон мустақил аст.

Барои равнақи фардои кишвар,
Гузорад ҳар яке саҳми баробар.

Агар азми қавӣ эҷод гардад,
Тамоми ҷабру зур обод гардад.[1]

Ин абёт дорои лаҳни ҳамосию миллигароёна аст ва шоир бо забони содаву равон, мафоҳими меҳандӯстӣ ва бедории миллиро баён мекунад. Такрори вожаи “ғайрат” дар оғози чанд байт, сабаби таъкид бар аҳамияти

[1] Беҳрӯзи Забеҳулло, Аз Балх то Бухоро, С . 129

ғайрати миллӣ ва эҷоди оҳангу инсиҷом дар шеър шудааст. Шоир аз шахсиятҳои таърихӣ ва фарҳангӣ монанди “Айнӣ” ва “Турсунзода” [1] ва шоир, “Боқӣ Раҳимзода”[2] баҳра гирифта, то нақши адабӣ ва фарҳангиро дар эҳёи ҳувияти миллӣ нишон диҳад.

Таркиботе чун “равнақи фардои кишвар”, “Тоҷикистони мустақил” ва “азми қавӣ” фазои умед, пешрафт ва муқовимматро илқо мекунад.
Лаҳни шеър, таълимӣ ва ангезишӣ буда, мухотабро ба масъулиятпазирии иҷтимоӣ ва миллӣ фаро мехонад.

● Мазмуни шеър: Ин абёти зермаҷмуаи мазомини миллӣ ва меҳанӣ қарор мегирад ва дар он мафоҳиме чун: ҳувияти миллӣ, истиқлоли Ватан, бедории фарҳангӣ, ваҳдату ҳамбастагии иҷтимоӣ, нақши адабу фарҳанг дар эҳёи миллат.

**● Намунаи дигаре аз шеърҳои ҳикамӣ ва таълимӣ**

Ба ҷуз ақл, ба ҷуз ақл дигар роҳе надорем,
Чунин хуб яке ёр ба ҳамроҳ надорем” [1]

Дар ин абёт, шоир ақлро муҳимтарин василаи ҳидояти инсонӣ медонад. Такрори ибороти “ба ҷуз ақл” навъе таъкиди мусиқоӣ эҷод карда, паёми фикрии шоирро барҷаста сохтааст. Забони шеър сода, аммо ҳикматомез аст ва ба шеъри таълимии классикӣ наздик мебошад.

**● Намунае чанд аз шеърҳои иҷтимоӣ ва пандомез:**

Тирро то табар иваз накунед,
Теғро бо сипар иваз накунед.
Сулҳ як неъмати худодод аст,

---

[1] Мирзо Турсунзода шоир, нависанда ва аз барҷастатарин адибони муосири Тоҷикистон буд, ки нақши муҳиме дар бедории фарҳангӣ ва тақвияти ҳувияти миллии тоҷикон дошт. Ӯ дар соли 1911 мелодӣ дар Тоҷикистон зода шуду бештари ашъораш дар бораи ватан, озодӣ, сулҳ, инсондӯстию фарҳанги тоҷикон аст. Турсунзода аз чеҳраҳои асаргузори адабиёти форсии тоҷикӣ дар қарни бистум ба шумор меравад ва осораш дар миёни форсизабонон ҷойгоҳи вижае дорад.

Дар китоби “Аз Балх то Бухоро” низ шоир бо эҳтиром аз Мирзо Турсунзода ёд мекунад, ӯро намоди ғурури миллӣ ва фарҳангии тоҷикон медонад. Мирзо Турсунзода, Мунтахаби ашъор, Душанбе: Нашриёти Маориф, 1981 м., С, 5

3 Боқӣ Раҳимзода аз шоирон ва нависандагони муосири Тоҷикистон аст, ки дар густариши адабиёти форсии тоҷикӣ ва тақвияти фарҳангу ҳувияти миллии тоҷикон нақш доштааст. Осори ӯ бештар дорои мазомини иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва миллӣ аст ва дар миёни аҳли адаби Тоҷикистон шинохта шуда мебошад.

Боқӣ Раҳимзода, Мунтахаби осор, Душанбе: Интишороти Адиб, 1987 м., С. 7.

1 – Беҳрӯзи Забеҳулло, Аз Балх то Бухоро, С.53, 54

2 – Беҳрӯзи Забеҳлло, Аз Балх то Бухоро, С. 51

Ширро бо шакар иваз накунед.[1]

Дар ин абёт, шоир бо забони ҳакимона ва намодин, инсонро ба ҳифзи арзишҳо ва интихоби дуруст даъват мекунад. “Теғ” ва “Шер” намоди қудрат, шуҷоат ва арзишмандиянд, дар ҳоле ки “табар”, “сипар” ва “шакар” дар ин ҷо нишонаи ҷойгузинҳои нодуруст ва камарзиштар ҳастанд. Шоир таъкид мекунад, ки набояд ҳақиқат, сулҳ ва арзишҳои асилро бо умури зоҳирӣ ва беаҳамият иваз кард. Лаҳни шеър таълимӣ ва андарзгуна аст, шоир дар ин бахш бо баёни пандомез, инсонро ба ҳифзи арзишҳо ва асолатҳо даъват мекунад. Истифода аз вожагони ҷангӣ монанди “тир” ва “теғ” ба шеър ҳолати ҳамосӣ бахшидааст. Ҳамчунин такрори “иваз накунед” бар лаҳни ҳушдордиҳандаи шеър афзудааст.

● **Намунаи шашум аз шеърҳои ирфонӣ:**

Эй ошиқон, эй ошиқон, дарё шавад, дарё шавед,
Чун мавҷи дарёи дамон, боло шавад, боло шавед.[2]

Таҳлили адабӣ:

Ин абёт дорои фазои ирфонӣ ва шурангез аст. Шоир бо такрори нидои “эй ошиқон” мухотабро ба бедорӣ ва таоли руҳӣ даъват мекунад. Тасвири “дарё” ва “мавҷ” намоди пуёйв а азамате аст ва лаҳни шеър ёдовари маснавиҳои ирфонии Мавлоно мебошад.

● **Намунаи дигаре аз шеърҳои ирфонӣ: бо унвони: Мавлоно дар Ғарб**

Ҳаст Мавлонои мо шоҳи Фаранг,
Нағмаҳо сар медиҳад дар Руму Занг.

Қиссаи моро ривоят мекунад.
“Аз ҷудоиҳо шикоят мекунад”.

Ҳар замон дорад ба суи мо хитоб,
“Як гуҳар будем ҳамчун офтоб”.

Мешавад равшан ҷаҳон аз ҷони мо,
Оламе биншаста руи хони мо.

---

[2] – Беҳрӯзи Забеҳулло, Аз Балх то Бухоро, С. 71

Бехабар аммо зи асли худ шудем,
Аз ҷафои нафси худ нобуд шудем.

Аз паи худхоҳии ин бадсигол,
Мезанад мурғи ҳавас беҳуда бол,

Чун зиёну судро нашнохтем,
“Одами масҷудро нашнохтем”

Лек Мавлонои Балхӣ аз яқин,
Фош кард асрори оламро беҳин.

Гуфт: Одам ояти илму фан аст,
Дар вуҷудаш сирри ҳақ обистан аст.

Ин парешонии мо аз ғафлат аст,
Ғафлати одам балову офат аст.

Ром кун, ин нафси бадандешро,
То куни пайдо мақоми хешро.[1]

Дар ин шеър, Беҳрӯзи Забеҳулло бо илҳом аз андешаҳои ирфонии Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, ба ҷойгоҳи маънавӣ ва фарҳангии Мавлоно дар ҷаҳони муосир мепардозад. Шоир, Мавлоноро “Шоҳи фаранг” меномад ва ӯро шахсияти ҷаҳонӣ муаррифӣ мекунад, ки паёми маънавӣ ва инсониятро дар Шарқу Ғарб густариш додааст. Таъбири “Дар Руму Занг” нишондиҳандаи густурдагӣ нуфузи андешаи Мавлоно дар ҷаҳон аст.

Шоир бо тазмини мисраи маъруфи Мавлоно “Аз ҷудоиҳо шикоят мекунад” ба найномаи “Маснавӣ” ишора мекунад ва ҷудоии инсони муосир аз аслу ҳақиқати хешро ёдовар мешавад. Аз нигоҳи шоир, инсон имрӯз ба сабаби ғафлат, худхоҳӣ ва пайравӣ аз нафс, аз ҳақиқати инсонӣ ва асли хеш дур афтодааст.

Дар абёти миёнӣ, шоир лаҳни таълимӣ ва ирфонӣ ба худ мегирад ва решаи нобасомониҳои инсонро “ғафлат” ва “нафси бадандеш” медонад. Ӯ таъкид мекунад, ки ҳақиқати ӯ “сирри ҳақ” дар даруни инсон нуҳуфта аст ва

[1] Беҳрӯзи Забеҳулло, Аз Балх то Бухоро, С.121, 122

бояд онро дар “дили бедор” ҷустуҷу кард, на дар завоҳири берунӣ. Ин андеша ба равшанӣ баргирифта аз ҷаҳонбинии ирфонии Мавлоност.

Аз назари адабӣ, шеър дорои забони сода, равону оҳангин аст ва шоир аз аносири байноматнӣ баҳра бурдааст, яъне бо овардани таъбирҳо ва абёти машҳури Мавлоно, пайванди миёни шеъри муосир ва адабиёти классики форсӣ барқарор кардааast. Ҳамчунин корбурди вожагоне чун “шоҳи фарҳанг”, “сирри ҳақ”, “дили бедор” ва “нафси бадандеш” фазои ирфонӣ ва ҳикамии шеърро тақвият кардааст.

Дар маҷмуъ, ин шеър афзун бар ситоиши мақоми Мавлоно, даъвате ба худшиносӣ, бедории маънавӣ ва бозгашти инсон ба ҳақиқати асили хеш аст.

**● Ҳувияти миллӣ ва фарҳангӣ дар шеър**

Яке аз муҳимтарин меҳварҳои ин маҷмуа, масъалаи ҳувияти миллӣ ва фарҳангӣ аст. Шоир бовар дорад, ки миллат бидуни забон ва фарҳанг, ҳувияти хешро аз даст медиҳад. Аз ҳамин рӯ, дар бисёре аз ашъор, мухотабро ба посдорӣ аз фарҳангу забони форсӣ даъват мекунад.

Ишораҳои мукаррар ба Балху Бухоро, танҳо ишора ба макони ҷуғрофӣ нест,балки бозгашт ба ҳофизаи таърихи тамаддуни форсӣ аст. Шоир бо ин тасовир, навъи носталжии фарҳангӣ меофаринад, ки хонандаро ба гузаштаи бошукуҳи Хуросон пайванд медиҳад, намунаи абёте бо унвони: “Хитоба ба тоҷикони Хуросон”

Ман аз покфарзанди озодагонам...

(Носири Хусрав)

Шоири озода Пидроми ҳаким,
Аз табори подшоҳони қадим.
Ҳофизи мероси фарҳанги сутург,
Сафдаре андар Хуросони бузург.
Ҳомии фарҳангу оину забон,
Мешавад аз фикраташ равшан ҷаҳон.[1]

Дар ин абёт, шоир бо лаҳни ҳамоси ва ҳувиятмеҳвар, ба ситоиши азамати таърихӣ ва фарҳангии тоҷикони Хуросон мепардозад. Оғози шеър бо ёдкарде аз сухани Носири Хусрав[2], пайванди маънавӣ ва фикрии шоирро бо мероси куҳани адаби форсӣ нишон медиҳад ва мафҳуми озодагию асолати

---

[1] Беҳрӯзи забеҳулло, Аз Балх то Бухоро, С.142

[2] Носири Хусрав: Носири Хусрави Қубодиёнӣ, шоир, файласуф, мутафаккиру сафарноманависи бузурги забони форсӣ дар садаи панҷуми ҳиҷрӣ аст. Вай дар соли 1004м. дар Қубодиёни Балх зода шуду дар соли 1088м. дар Юмгони Бадахшон даргузашт. Осори ӯ саршор аз мафоҳими ҳикмат, озодагӣ, хурдгароӣ ва дифоъ аз ҳақиқат аст ва аз барҷастатарин чеҳраҳои адабу андешаи форсӣ ба шумор меравад. Маҳҷуб, Маҳмадҷаъфар, сабки хуросонӣ дар шеъри форсӣ, чопи Теҳрон: Нашриёти Тус, 1381, С.174.

таърихии тоҷиконро барҷаста месозад. Шоир дар мисраи “Шоири озода Пидроми ҳаким” хештанро шахсияти огоҳ, фарҳехта ва масъул дар баробари сарнавишти миллат муаррифӣ мекунад. Таркиби “подшоҳони қадим” намоде аз шукуҳи таърихӣ, азамати тамаддунӣ ва пешинаи пурифтихори тоҷикон ва баёнгари ифтихори шоир ба решаҳои таърихии хеш мебошад. Дар бахши “Ҳофизи мероси фарҳанги сутург”, шоир нақши посдорӣ аз фарҳангу забон ва тамаддуни форс-тоҷикро бар уҳдаи равшанфикрону шоирон медонад. Вожагони “фарҳанг”, “оин” ва “забон” дар ин абёт дорои бори маъноии миллӣ ва ҳувиятианду нишон медиҳад, ки шоир ҳифзи ҳувияти фарҳангиро омили бақои миллати тоҷик медонад.

Аз назари ҳунарӣ, шеър дорои забони устувор, оҳангин ва ҳамосӣ аст ва такрори мафоҳими марбут ба фарҳанг, Хуросон ва озодагӣ, навъе ваҳдати маъноиву отифӣ дар матн эҷод кардааст. Ҳамчунин истифода аз вожагони фохир ва намодҳои таърихӣ, ба шеър шукӯҳи миллӣ ва тамаддунӣ бахшидаву онро ба баёнияҳои адабӣ дар ситоиши ҳувият ва азамати тоҷикон табдил кардааст.

**Пайванди суннат ва мудернита**

Мо кунун соҳиби Ватан шудаем,
Соҳиби бахти хештан шудаем.

Бо Ватан мо шудем ҷону бадан,
Ватан аз мо бузургу мо зи Ватан.

Ҳар касе онро азиз медорад,
Дар раҳаш ҷони хеш биспорад[1].

(Устод Айнӣ)

Шоир дар ин асар миёни суннати классикии форсӣ ва масъалаҳои инсони имрӯз пуле адабӣ эҷод кардааст. Истифода аз қолабҳои суннатӣ дар канори мазомини иҷтимоию инсонӣ нишон медиҳад, ки шеъри форсӣ ҳамчунон тавоноии бозофаринӣ ва посухгӯӣ ба ниёзҳои муосирро дорад.
“Беҳрӯзи Забеҳулло бо забоне равон ва тасвирҳои шоирона тавонистааст мафоҳими ахлоқӣ, миллӣ ва инсониро бо нигоҳе нав дар қолаби шеъри муосири форсӣ бозтоб диҳад”.

[1] Беҳрӯзи Забеҳулло, Аз Балх то Бухоро, С. 345.

Намуна аз сурудаҳои Беҳрӯзи Забеҳулло аст бо унвони “Тоҷикистони муосир”, аммо шоир дар оғози он аз абёти Садриддин Айнӣ илҳом гирифта, бо баҳрагирӣ аз андешаҳои миллию меҳании ӯ мазмуни ишқ ба Ватан, истиқлол ва ҳувияти тоҷикиро густариш додааст:

**Тоҷикистони муосир**

Дар миёни кӯҳҳои сарбаланд,
Дашту саҳроҳои сарсабзи паранд.

Дар диёри обҳои нуқрафом,
Лолаву себарга бо ҳусни тамом.

Ошёни булбулу сору тазарв,
Зиннати боғаш ҷамоли зодсарв.

Боғҳояш гулпарасту лолагун,
Бодҳояш мушкбую пурфусун.

Боғу роғу кӯҳу дашту обшор,
Ҳалқае бар рӯйи пурнақшу нигор.

Шохаи гул зеби гӯши кӯдакон,
Чеҳраи гулдухтаронаш арғувон.

Ғунчаҳо дар дида дурри шоҳвор,
Сарвҳо ҳамчун рафиқи ғамгусор.

Парниён аз ӯунча дорад ҳар дарахт,
Ҳамчу тоҷи хусравони некбахт.

Ҳар чи зевар буд бар сар кардаанд,
Дашту саҳрор пуранбар кардаанд.

Бомдодон бӯйи фирдавсӣ барин,
Мерасад аз ҳар канори сарзамин.

Боргоҳи сабзу сурхи парниён,
Шоҳи Руму шоҳи Чин мафтуни он[1].

[1] Беҳрӯзи Забеҳулло, “Аз Балх то Бухоро”, саҳ 345.

Дар ин абёт, шоир бо забони латиф, оҳангин ва саршор аз тасвирҳои хаёлангез, ба тавсифи зебоиҳои табиат ва азамати сарзамини Тоҷикистон мепардозад. Фазои шеър саршор аз ишқ ба Ватан, ғурури миллӣ ва ситоиши табиат асту шоир мекушад Тоҷикистонро ҳамчун сарзамини биҳиштӣ, сарсабзу бошукуҳ ба тасвир бикашад. Дар оғози шеър, мафҳуми Ватан бо ҳувияту сарнавишти миллат пайванд хурдааст. Шоир истиқлолу доштани ватанро бузургтарин неъмат медонад ва нишон медиҳад, ки миллати тоҷик пас аз душвориҳои таърихӣ, ба огоҳии миллӣ ва озодӣ даст ёфтааст. Таъбири "Соҳиби бахти хештан шудаем" баёнгари руҳи умед, истиқлолу худбоварии миллӣ аст.

Дар ин абёт, шоир зебоӣ ва шукӯҳи сарзамини Тоҷикистонро чунон бошукуҳу дилангез тасвир мекунад, ки ҳатто "шоҳи Рум"-у "шоҳи Чин" низ шефта ва мафтуни он мешаванд. Мақсуди шоир аз "Рум"-у "Чин" ишора ба ду тамаддуни бузургу машҳури ҷаҳон аст, яъне азамату зебоии ин сарзамин то он андоза аст, ки подшоҳони сарзаминҳои дуру қудратманд низ дар баробари он шигифтзада ва маҷзуб мегарданд. Бахши умдаи шеър бар пояи тасвирсозиҳои табиӣ банд шудааст. Шоир бо истифода аз вожагоне чун куҳ, дашт, саҳро, обшор, лола, ғунча, сарв, булбулу бод, фазои зинда, рангин ва шоирона меофаринад. Ин аносири табиӣ танҳо барои зебоии зоҳирӣ ба кор нарафтаанд, балки намоди зиндагӣ, тароват, оромишу шукуфоии миллати тоҷиканд. Табиат дар ин шеър ҳолати руҳонӣ ва биҳиштӣ дорад ва сарзамини Тоҷикистон ҳамчун фирдавси заминӣ ҷилва мекунад.

Аз назари ҳунарӣ, шеър дорои мусиқии дарунии қавӣ ва ҳамоҳангии овойии чашмгире аст. Такрори вожагони муртабит бо табиат ва истифода аз таркибҳои адабӣ, чун "обҳои нуқрафом", "бодҳои мушкбӯ", "бӯйи фирдавси барин" ва "тоҷи хусравон" ба шеър шукӯҳу зебоии вижае бахшидааст. Ҳамчунин шоир бо ташбеҳҳо ва намодҳои латиф, табиати Тоҷикистонро ба ҷавоҳире гаронбаҳо ва сарзамине афсонаӣ табдил мекунад. Дар ин абёт, ишқ ба Ватан бо зебоии табиат ва азамати таърихӣ дар ҳам омехтааст. Шоир мехоҳад нишон диҳад, ки Тоҷикистон на танҳо сарзамине зебо, балки меросе фарҳангӣ ва тамаддунист, ки шоистаи ифтихор, посдорӣ ва муҳаббати амиқи миллати тоҷик мебошад. Лаҳни шеър саршор аз умед, ифтихор ва дилбастагии отифӣ ба Меҳан аст ва эҳсоси тааллуқи миллиро дар зеҳни хонанда зинда месозад.

**Арзиши адабӣ ва ҷойгоҳи фарҳангии асар**

Маҷмуаи “Аз Балх то Бухоро” танҳо як маҷмуаи шеърӣ нест, балки талоше барои ҳифзи ҳофизаи фарҳангӣ ва таърихии форсизабонон ба шумор меравад. Шоир аз тариқи шеър мухотабро ба таомул дар бораи ҳувият, таърих ва арзишҳои инсонӣ даъват мекунад.

Маҷмуаи “Аз Балх то Бухоро”-ро метавон яке аз муҳимтарин дафтарҳои шеъри муосири форсӣ дар ҳавзаи фарҳангии Тоҷикистону Афғонистон донист. Ин асар ба сабаби забони устувор, андешаи амиқ ва муҳтавои ҳувиятмеҳвар ҷойгоҳи вижае дар миёни осори муосир дорад.

Шоир дар ин дафтар тавонистааст, миёни суннати классикӣ ва ниёзҳои инсони муосир пайванд барқарор кунад. Аз ҳамин рӯ, ин маҷмуа на танҳо барои пажуҳишгарони адабиёти форсӣ, балки барои алоқамандони мутолиоти фарҳаангӣ ва ҳувияти низ аҳамияти фаровон дорад.

Ҳамчунин арзиши ин маҷмуа танҳо дар зебоиҳои адабӣ ва ҳунарии он хулоса намешавад, балки аҳамияти аслии он дар паёми бедоргар ва ҳувиятсози ашъор нуҳуфтааст. Беҳрӯзи Забеҳулло бо нигоҳи огоҳона ва масъулона шеърро ба абзоре барои ҳифзи таърих, фарҳанг ва руҳи миллии тоҷикон табдил кардааст. Ӯ мекӯшад миллати тоҷикро аз фаромӯшии таърихӣ, вобастагии фарҳангӣ ва сустии иҷтимоӣ дур созад ва руҳи иззат, талош ва худбовариро дар ҷомеа зинда кунад.

Дар бисёре аз бахшҳои ин маҷмуа, шоир бо ёдоварии шукӯҳи Балх, Бухоро, Хуросон ва шахсиятҳои бузурги тамаддуни форсӣ, насли имрӯзро ба идомаи роҳи ниёкон фаро мехонад. Аз нигоҳи ӯ тоҷикон вориси тамаддуне бузург ва фарҳанги сутурганд ва бояд бори дигар ҷойгоҳи шоистаи хешро дар арсаи илм, фарҳанг ва андеша бозёбанд. Ҳамин нигариш сабаб шудааст, ки ашъори ин дафтар танҳо баёни эҳсосоти шоирона набошад, балки нидое барои бедории миллӣ ва эҳёи азамати таърихии тоҷикон ба шумор равад.

Шоир дар ин асар умед ба ояндаро дар канори ифтихор ба гузашта қарор медиҳад ва бо лаҳни ҳамосӣ ва таъсирбахш мардумро ба кор, дониш, иттиҳод ва ҳифзи забони форсии тоҷикӣ даъват мекунад. Аз ин рӯ, “Аз Балх то Бухоро”-ро метавон асаре донист, ки на танҳо арзиши адабӣ дорад, балки дар тақвияти ҳувияти фарҳангӣ ва руҳияи миллии тоҷикон низ нақше мондагор ифо мекунад.

# Бахши дуввум

# Баррасии достонҳои “Амвоҷи ҳастӣ”ва “Қиссаи мурғи Самандар”

## Мабҳаси сеюм

**Баррасии достонҳои “Амвоҷи ҳастӣ” ва муҳимтарин андешаҳо ва мафоҳими матраҳшуда дар он бахши фарҷомин ва дурахшони китоб Муаррифии манзумаи достонии “Амвоҷи ҳастӣ” ва “Қиссаи мурғи Самандар”.**

**● Баррасии адабии ду достони арзишманди “Амвоҷи ҳастӣ” ва “Қиссаи мурғи Самандар”**

Ду достони маснавии поёнии китоб “Аз Балх то Бухоро” иборатанд аз:

1. Амвоҷи ҳастӣ
2. Қиссаи мурғи Самандар

**Ин ду достонро метавон ҳусни хитоми маҷмуа ва дурахшонтарин бахши китоб донист.**

Ин ду достон, дар ҳақиқат аз муҳимтарин бахшҳои китоб ба шумор мераванд, зеро чакидаи нигоҳи фикрӣ, миллӣ, фарҳангӣ ва фалсафии шоирро дар худ ҷой додаанд ва танҳо шеърҳое ғиноӣ ва отифӣ нестанд. Дуктур Яъқуби Ясно низ дар муқаддимаи китоб ишора мекунад, ки ин ду асар, умқи дидгоҳи фарҳангӣ ва иҷтимоии шоирро ба хубӣ нишон медиҳанд.

Беҳрӯзи Забеҳулло дар “Амвоҷи ҳастӣ” аз ҳаракат, пуёӣ ва созандагӣ ба унвони рамзи ҳаёти миллатҳо сухан мегӯяд ва ояндаи Тоҷикистонро дар партави огоҳӣ, кор ва иттиҳод тарсим мекунад, дар ҳоле ки дар “Қиссаи мурғи Самандар” бо баҳрагирӣ аз намодҳои устуравӣ ва таърихӣ, саргузашти миллати тоҷик, ранҷҳои таърихӣ, фаромуши ҳувият ва зарурати бозгашт ба фарҳангу забони модариро ба тасвир мекашад.

Аз сӯи дигар, ҳузури густурдаи устураӣ, ирҷооти таърихӣ, таъсирпазирӣ аз “Шоҳнома” ва адабиёти классикии форсӣ ва низ баҳрагирӣ аз забони оҳангин ва ҳамосӣ, ба ин ду достон арзиши адабии вижае бахшидааст. Аз ҳамин манзара, баррасии ин ду асар метавонад тасвири равшан аз ҷаҳонбинии шоир ва ҷойгоҳи шеъри меҳанпарастонаи муосир дар абёти тоҷик ироа диҳад.

Ин ду достон на танҳо дар миёни осори шоир аз барҷастагии хосе бархурдоранд, балки дар фазои адабӣ ва фарҳангии Тоҷикистон низ бо истиқболи густурдае рӯ ба рӯ шудаанд, зеро шоир дар онҳо тавонистааст бо забоне ҳамосӣ, намодин ва андешаварз масъалаву мушкилоти миллӣ ва инсонии ҷомеаи тоҷикро бозтоб диҳад. Мазомине чун озодӣ, ваҳдати ҳувият,

умед, бедорӣ, муқовимат, ишқ ба Ватан, ҳифзи фарҳанг ва нақши забон дар бақои миллат, аз муҳимтарин дарунмояҳои ин ду асар ба шумор меравад[1].

**Нахуст: "Амвоҷи ҳастӣ"**

Достони "Амвоҷи ҳастӣ" дорои нуҳ шеър аст, ки вожаи мавҷ дар номи аксар шеърҳо вуҷуд дорад ва мавҷ намоди зиндагӣ, пешрафту тараққӣ дониста шудааст, ки зиндагиро ба ҳаракат дармеоварад. Достони "Амвоҷи ҳастӣ" бо истинод ба байте аз Калим[2] оғоз мешавад: "Мавҷем, ки осудагии мо адами мост // Мо зинда бар онем, ки ором нагирем". Ин достон бахшида шуда, ба бунёдкорони Нерӯгоҳи Роғун ва ин нерӯгоҳ нишоне аз ангеза барои ободонӣ ва тараққӣ муаррифӣ шудааст. Ин достон бо тақдими номае ба пружаи бузурги "Роғун" дар Тоҷикистон оғоз мешавад, пружае, ки барои мардуми тоҷик танҳо як неругоҳи барқӣ обӣ нест, балки намоде миллӣ ва нишонае аз истиқлолуояндаи равшани кишвар ба шумор меравад.

Достони "Амвоҷи ҳастӣ" баёнгари ҷустуҷӯи инсон барои шинохти ҳақиқат, ҳувият ва маънои зиндагист. Шоир дар ин аср зиндагиро ба дарёе пурмавҷ ташбеҳ мекунад, ки инсон бояд бо ақл, ишқ ва огоҳӣ аз он убур кунад. Дарунмояи аслии ин достон бедории фикрӣ, худшиносӣ, ҳифзи ҳувияти миллӣ ва умед баояндаи равшан барои миллати тоҷик аст.

- **Баррасии адабӣ ва муҳтавоии достони "Амвоҷи ҳастӣ"**
- **Хулосаи достон ва дарунмоя**

Достони "Амвоҷи ҳастӣ" яке аз муҳимтарин ва андешамеҳвартарин бахшҳои маҷмуаи "Аз Балх то Бухоро" аст, ки шоир онро ба бунёдгузорони нерӯгоҳи Роғун тақдим кардааст. Ин асар, танҳо як шеър дар бораи пружаи саноатӣ нест, балки суруди ҳамосӣ дар бораи ҳаракат, бедорӣ, созандагӣ, истиқлолуояндаи миллати тоҷик аст. Беҳрӯзи Забеҳулло дар ин достон, бо забони саршор аз шуру ҳаракат, талош мекунад руҳи умеду пуёиро дар ҷомеаи Тоҷикистон зинда кунад ва миллатро ба суи худбоварӣ ва пешрафт фаро бихонад.

---

[1] Яъқуби Ясно: Сирати миллат, забони миллат аст". Таҳлили дафтари шеър: "Шукӯҳи истиқлол", асари Беҳрӯзи Забеҳулло, октябри 2025. https://sayedkayan.org/fa/archives/1582?amp=1

[2] Калими Кошонӣ (Абутолиб Калими Ҳамадонӣ) аз шоирони барҷастаи садаи ёздаҳуми ҳиҷрӣ ва аз номдортарин намояндагони сабки ҳиндӣ дар шеъри форсӣ аст. Вай дар шаҳри Ҳамадон зода шуду бахши бузурге аз зиндагии адабии худро дар Кошон ва сипас дар Ҳинд гузронд. Калим дар дарбори Шоҳҷаҳони Гураконӣ ҷойгоҳи вижа дошт ва ашъори ӯ ба сабаби мазмунофаринӣ, тасвирҳои хаёлангез ва накҳатҳои ҳикамӣ шуҳрати фаровон ёфтааст. Байти машҳури "Мавҷем,ки осудагии мо адами мост" аз сурудаҳои ӯст. Шафеии Кадканӣ, Маҳмадризо, Адвори шеъри форсӣ, Теҳрон: Сухан, 1380 ва низ: Калими кошонӣ, Девони ашъор.

“Амвоҷи ҳастӣ” достони суннатӣ бо шахсиятҳои мушаххас нест, балки достони фалсафи-миллӣ аст, ки дар бораи мафоҳиме чун:
– ҳаракат, зиндагӣ, энержӣ, тавоноии инстон дар сохтани оянда, бедорӣ ва наҳзати миллии тоҷикон ва пайванди миёни “нур” ва “огоҳӣ” сухан мегӯянд.

Шоир дар ин асар, “мавҷ”-ро намоди ҳаёт, ҳаракат ва пешрафт қарор медиҳад ва сукунро муодили маргу нобудӣ медонад.

Сипас шоир аз пуружаи Роғун сухан мегӯяд ва онро намоди қудрати инсони тоҷик дар сохтани оянда ва табдили табиат ба неруии тамаддунсоз муаррифӣ мекунад.

**Муҳимтарин андешаҳои достон**

Шоир достонро бо нигоҳи фалсафӣ оғоз мекунаду “ҳаракат”-ро ҷавҳари ҳастӣ медонад:

## 1. “Ҳаракат”-ро ҷавҳари ҳастӣ

Мавҷем,ки осудагии мо адами мост
Мо зинда бар онем, ки ором нигарем[1]. (Калими Кошонӣ)

Ин абёт, андешаи аслии достонро ошкор мекунанд. Шоир сукунро баробар бо нобудӣ медонад ва муътақид аст, ки ҳаёти инсону миллатҳо дар ҳаракат, талош ва пуёӣ нуҳуфта аст. Ин нигоҳ ёдовари андешаҳои Иқболи Лоҳурӣ[2] дар бораи “худӣ” ва “ҷунбиши доимӣ” аст. Дар ҳақиқат, шоир миллати тоҷикро ба мавҷе ташбеҳ мекунад, ки бояд пайваста дар ҳаракат бошад то зинда бимонад.

## 2. Нур нишонаи огоҳӣ

Яке аз муҳимтарин намодҳои ин маснавӣ “нур” аст. Шоир нурро нишонаи огоҳӣ, хирад, умед ва раҳоӣ медонад:

Ҳар ки бо нур аст нуронӣ шавад,
Орифи сармасти раббонӣ шавад[3].

Дар ин ҷо нур танҳо равшаноии зоҳирӣ нест, балки намоди бедории фикрӣ ва маънавист. Шоир бовар дорад ҷомеае, ки аз нури хирад ва огоҳӣ баҳраманд бошад, метавонад бар торикии ҷаҳл ва ақибмондагӣ ғалаба кунад.

---

[1] Беҳрӯзи Забеҳулло, Аз Балх то Бухоро, С. 248.

[2] Иқбол Лоҳурӣ: Муҳаммад Иқбол Лоҳурӣ, шоир ва андешаманди барҷастаи форсигӯи шабеҳқора, дар соли 1877м. дар Сиёлкут зода шуду дар соли 1938м. дар Лоҳур даргузашт. Ӯ аз муҳимтарин чеҳраҳои фикрии ҷаҳони ислом дар садаи бистум ба шумор меравад ва ашъораш бештар бар бедории миллатҳо, худшиносӣ ва эҳёи ҳувияти исломӣ

[3] Беҳрӯзи Забеҳулло, Аз Балх то Бухоро, С. 248.

**3. Ситоиш инсони созандаи Роғун[1] намоди иродаи миллӣ ва истиқлол**

Дар бахшҳои миёнии достон, шоир пружаи Роғунро ба унвони намоди иродаи миллӣ ва истиқлоли Тоҷикистон муаррифӣ мекунад. Ӯ фазои кору талош дар Роғунро ҳамчун майдони набарде ҳамосӣ тасвир мекунад:

Чи кӯҳу соҳили дарё пур аз марди тавонгар аст,
Миёни кӯҳу дарё аз талотум мисли сангар аст[2].

Дар ин абёт коргарону созандагони Роғун ҳамчун сарбоони як набарди бузург муаррифӣ шудаанд. Шоир бо истифода аз тасвири "сангар" фазои созандагиро ба муборизае таърихӣ бароиояндаи миллат табдил мекунад.

**4. Роғун намоди азамати таърихии тоҷикон**

Авҷи нигоҳи миллии шоир дар абёте дида мешавад, ки Роғунро намоди азамати таърихии тоҷикон медонад:

Бидуни шак, ки Роғон тоҷиконро
Тахти Ҷамшед аст,
Намоди қудрати миллӣ,
чароғи субҳи умед аст[3]!

Ташбеҳи Роғун ба "тахти Ҷамшед" аз зеботарин тасовири намодини ин достон аст. Шоир миёни шукӯҳи тамаддуни бостонӣ ваояндаи модерни Тоҷикистон пайванд барқарор мекунад ва Роғунро идомаи ҳамон азамати таърихӣ медонад. Садди Роғун[4] дар шеъри муосири тоҷик, танҳо як созаи санъатӣ ё пружаи иқтисодӣ нест, балки намоде аз бедории миллӣ, истиқлол ва иродаи мардуми тоҷик ба шумор меравад. Шоир бо ишора ба Роғун руҳи талош, муқовимат ва умедро дар ҷомеаи тоиҷк ба тасвир мекашад ва онро нишонае аз ҳаракати кишвар ба сӯйи пешрафт ва худкифоӣ медонад. Дар байтҳои достон, Роғун ҷилвае аз "саҳваи миллӣ" аст, ки миллати тоҷикро пас аз солҳои душворӣию вобастагӣ ба сӯйи иттиҳод, ободонӣ ва эҳёи ҳувяти фарҳангию таърихӣ раҳнамун месозад. Аз ин рӯ, садди Роғун дар нигоҳи шоир фақат як сад нест; балки мазҳври қудрат, ҳаёт ваояндаи равшани Тоҷикистон аст.

- **Аҳдофи достон**

**1. Тақвияти ҳувияти миллӣ.**

---

[1] Беҳрӯзи Забеҳулло, Аз Балх то Бухоро, С. 285.

[2] Беҳрӯзи Забеҳулло, Аз Балх то Бухоро, С. 285.

[3] Беҳрӯзи Забеҳулло, Аз Балх то Бухоро, С. 285.

[4] Сади Роғун – яке аз бузургтарин пружаҳои барқӣ-обӣ дар Тоҷикистон аст, ки бар рӯйи руди Вахш сохта шуда, намоди пешрафти иқтисодӣ ва истиқлоли энержии ин кишвар ба шумор меравад. Ин сад дар наздикии шаҳри Роғун қарор дорад ва аз муҳимтарин тарҳҳои миллии Тоҷикистон маҳсуб мешавад. Ғафурров Абдуҷаббор. "Иқтисоди Тоҷикистони муосир", чопи "Душанбе": Интишороти "Ирфон2, 2019, саҳ 87.

Шоир ояндаи Тоҷикистонро бо илм, кор, энергия ва пешрафти санъатӣ пайванд медиҳад ва мардумро ба худбоварии миллӣ даъват мекунад.

**2. Даъват ба ҳаракату пӯёӣ.**

Дар ин достон “мавҷ” намоди ҳаракати доимист ва сукун нишонаи фано ва нобудӣ муаррифӣ мешавад.

**3. Ситоиши инсони созанда.**

Шоир коргарон, муҳандисон ва созандагони Роғунро қаҳрамонони воқеии миллат медонад; инсонҳое, ки ояндаи кишварро месозанд.

**4. Табдили Роғун ба намоди миллӣ.**

Шоир Роғунро танҳо як неругоҳ намединад, балки онро “намоди истиқлол” ва “тахти Ҷамшеди тоҷикон” муаррифӣ мекунад.

● Ҷилваҳои зебоишинохтӣ дар “Амвоҷи ҳастӣ[1]”

● Тасвирсозиҳои шеърӣ:

– Ташбеҳи нур ба мавҷу энержӣ,

– Тасвир кардани кӯҳҳо ҳамчун мавҷудоте зинда

– Табдили як пружаи санъатӣ ба ҳамосаи шоирона аз муҳимтарин ҷилваҳои ҳунарии ин достон ҳастанд. Шоир мегӯяд:

“Дар ин ҷо гӯиё ҷанги ҷаҳонӣ гаштааст барпо[2]”...

Дар ин байт ҳаракати мошинҳо, коргарон ва фазои созандагӣ ба майдони ҷанге бузург ташбеҳ шудааст.

**Намодпардозӣ:**

– “Нур” = огоҳӣ ва пешрафт

– “Мавҷ” = ҳаракат ва зиндагӣ

– “Роғун” = наҳзат ва бедории миллати тоҷик.

**Забони ҳамосӣ:**

Ин достон саршор аз лаҳни ҳамосӣ, шӯри миллӣ ва хитобҳои ҷамъист ва фазои он ёдовари адабиёти ҳамосӣ ва миллии форсӣ мебошад.

Аз назари адабӣ “Амвоҷи ҳастӣ” саршор аз тасвирсозиҳои ҳамосӣ, намодпардозӣ ва мусиқии дарунист. Вожагоне чун мавҷ, нур, оташ, кӯҳ, дарё ва осмон фазое пуртаҳаррук ва зинда ба шеър бахшидаанд. Шоир ҳамчунин бо истифода аз такрор, лаҳни хитобӣ ва оҳанги ҳамосӣ, шӯру ҳаяҷони хосе дар шеър эҷод кардааст. Афзун бар ин, пайванди табиат бо мафоҳими

[1] Беҳрӯзи Забеҳулло, “Аз Балх то Бухоро”, достони “Амвоҷи ҳастӣ” аз саҳифаи 248 оғоз мешавад ва то саҳифаи 285 идома дорад; пас аз он достони “Қиссаи мурғи самандар” шуруъ мешавад.

[2] Достони “Амвоҷи ҳастӣ”, саҳ 260.

иҷтимоӣ ва миллӣ, аз муҳимтарин вижагиҳои ҳунарии ин достон ба шумор меравад.

Дар маҷмуъ достони “Амвоҷи ҳастӣ”-ро метавон суруди бедорӣ, созандагӣ ва умед донист; достоне, ки дар он шоир ояндаи миллати тоҷикро дар ҳаракат, иттиҳод, огоҳӣ ва кор мебинад ва шеърро ба абзоре барои тақвияти руҳияи миллӣ ва иҷтимоӣ табдил мекунад.

## Мабҳаси чаҳорум

**Баррасии достони “Қиссаи мурғи Самандар” ва муҳимтарин андешаҳо ва мафоҳими матраҳшуда дар он.**

**Дувумин гавҳари дурахшони ин китоб:**

**Достони “Қиссаи мурғи Самандар”**

● **Баррасии адабӣ ва муҳтавоии достони “Қиссаи мурғи Самандар”**

● **Хулосаи достон ва дарунмоя**

Ин достон бо муқаддимае фалсафӣ дар бораи ишқ, ҳаракат, ҷустуҷӯи маъно ва ҳақиқат оғоз мешавад. “Қиссаи мурғи Самандар” амиқтарин, намодитарин ва ҳамоситарин бахши маҷмуаи “Аз Балх то Бухуоро” аст. Ин достон дар ҳақиқат ривояти намодини саргузашти миллати тоҷик аст; миллате, ки дар тули таърих борҳо дучори суқут, парокандагӣ, султаи бегонагон ва фаромӯшии ҳувият шуда, аммо дубора аз хокистари хеш бархоста ва ба зиндагӣ идома додааст.

“Мурғи Самандар” дар адабиёти форсӣ парандае устураист, ки дар оташ месӯзад ва дубора зинда мешавад. Шоир ин парандаро намоди миллати тоҷик қарор медиҳад; миллате, ки бо вуҷуди ҳамаи ранҷҳо ва буҳронҳо ҳамчунон зинда ва побарҷост.

Достони “Қиссаи мурғи Самандар” дорои шонздаҳ шеър аст ва ин қиссаву достон бо устураи мурғи Самандар иртиботи маъноӣ дорад ва шоир мехоҳад сарнавишти ҳувияту фарҳанги тоҷиконро бо сарнавишти мурғи Самандар рабт диҳад. Тавре ки мурғи Самандар дар баробари оташу шуълаҳо муқовимат дорад, миллати тоҷик низ фарҳанги худро бо муқовимат дар баробари сахтиҳо ва шуълаҳои оташ нигаҳ дошта ва ҳифз кардааст. Устураи мурғи Самандар ва Қақнус[1] нисбатан бо ҳам шабоҳат доранд, зеро ҳар ду бо оташ дар иртиботанд. Мурғи Самандар дар баробари оташ муқовим аст ва Қақнус пас аз сӯхтан аз хокистари худ баланд мешавад ва аз нав худро

---

[1] Қақнус парандаи афсонаӣ ва намоди ҷовидонагӣ, таваллуди дубора ва растохез аст, ки дар асотиру адабиёти форсӣ ҷойгоҳи вижае дорад. Дар боварҳои куҳан, Қақнус пас аз солҳо зиндагӣ худро дар оташ месӯзонад ва сипас аз хокистари хеш дубора зода мешавад. Аз ин рӯ, Қақнус дар шеъри форсӣ намоди пойдорӣ, умед, ҳаёти дубора ва раҳоӣ аз нобудӣ ба шумор меравад. Шоирони форсизабон аз ин намод барои баёни таҷдиди ҳаёти миллатҳо, фарҳангҳо ва ормонҳои инсонӣ истифода кардаанд. Деҳхудо, Алиакбар. “Луғатномаи Деҳхудо”, ҷ12, саҳ 18345.

бозсозӣ мекунад ва ба ҷовидонагӣ мерасад. Фарҳангу адабиёт ва ҳувияти тоҷик низ сарнавиште монанди мурғи Самандар ва Қақнус дорад.
Дар достони "Қиссаи мурғи Самандар" Забеҳулло Беҳрӯз шеъре ба номи "Саргузашти тоҷик" дорад, ки бо ирҷоъ ба байтҳое аз устод Бозор Собир[1] оғоз мешавад:

Қиссаи мурғи Самандар пеши ман афсона нест,
Саргузашти мардуми печидафарёди ман аст.
Он ки умре мурда-мурда зиндагӣ карду намурд,
Сӯхтан, носӯхтан эҷоди аҷдоди ман аст![2]

Бандҳои достони "Қиссаи мурғи Самандар" ҳар кадом бо ироҷъ ба байтҳое аз Мавлоно, Фирдавсӣ, Носири Хусрав, Саъдӣ ва шоирони муосири тоҷик оғоз мешавад ва шоир мехоҳад байни шеъри худ ва шоирони пешину муосир иртибот барқарор кунад ва вонамуд намояд, ки шеъру адабиёти тоҷик пешина дорад ва ба мо расидааст ва аз мо ба оянда мерасад[3].

**"Мурғи Самандар" парандае устураист, ки дар ин достон намоди:**

– озодӣ, руҳи миллӣ, таваллуди дубора пас аз сукут, муқовимат ва ҷовидонагии миллат ба шумор меравад. Шоир аз тариқи ин намоди устураӣ таърихи миллати тоҷикро ривоят мекунад.
– Шукӯҳу азамати гузашта, даврони сукуту парокандагӣ, фаромӯшии ҳувият ва сипас бедорию бозгашти дубораи миллат ба асли хеш. Ин достон омезае аз: таърих, устура, андешаи миллӣ ва фалсафаи иҷтимоист.
Достон бо абёте саршор аз шӯру ҳаракат оғоз мешавад:

Боғро сарсабзӣ аз обу гил аст,
Одамиро ишқ дар ҷону дил аст[4].

---

[1] Бозор Собир аз шоирони барҷаста ва муосири Тоҷикистон ва аз чеҳраҳои шинохташудаи шеъри миллӣ ва ҳувиятгарои форсизабон аст. Вай дар соли 1938 дар Тоҷикистон зода шуд ва бо сурудани ашъоре дар заминаи Ватан, ҳувияти миллӣ, забони форсӣ ва истиқлоли Тоҷикистон шуҳрат ёфт. Шеърҳои ӯ бозтобдиҳандаи дардҳо, ормонҳо ва дағдағаҳои мардуми Тоҷикистон дар давраи муосир аст ва аз ин рӯ ҷойгоҳи вижа дар адабиёти муосири форсӣ дорад. Шоёни зикр аст, ки нависандаи ин пажӯҳиш, доктор Асмо Амин, дар соли 2013 муваффақ ба дарёфти дараҷаи докторӣ дар риштаи забон ва адабиёти форсӣ аз Донишгоҳи мутолиоти инсонии Донишгоҳи Ал-Азҳар шудааст. Унвони рисолаи доктории эшон "Бозор Собир, шоири муосири Тоҷикистон" будааст.

[2] Беҳрӯзи Забеҳулло, Аз Балх то Бухоро, С. 289.

[3] Яъқуби Ясно: Сирати миллат, забони миллат аст". Таҳлили дафтари шеър: "Шукӯҳи истиқлол", асари Беҳрӯзи Забеҳулло, октябри 2025. https://sayedkayan.org/fa/archives/1582?amp=1

[4] Беҳрӯзи Забеҳулло, Аз Балх то Бухоро, С. 286.

Дар ин ҷо ишқ сарчашмаи ҳаёт муаррифӣ шудааст, аммо ишқ дар нигоҳи шоир, танҳо ишқи фардӣ нест, балки ишқ ба миллат, фарҳанг, забон ва ҳувияти таърихӣ аст.

**Муҳимтарин андешаҳои достон**

**1. Мафҳуми давлат ва раҳбарӣ дар андешаи шоир**

Дар манзумаҳои достонии "Қиссаи мурғи Самандар" ва "Амвоҷи ҳастӣ" шоир андешаи худро дар бораи робитаи миллат, давлат ва огоҳии ҷамъб баст медиҳад. Аз назари ӯ, миллат бидуни давлат ҳамонанди парандаи бепар аст. Давлат таҷаллии ақли таърихӣ ва ахлоқии миллат аст ва вуҷуди он миллатро ба сӯйи растагорӣ ва истиқлол ҳидоят мекунад:

Иқтидори миллат аз назми вай аст,
Баъд аз он вобаста аз азми вай аст.

Назм миллатро кунад соҳибнизом,
Азм миллатро диҳад шону мақом,

Қавми бедавлат чу мурғи бепар аст,
Қавмро давлат шабеҳи модар аст[1].

Аммо дар нигоҳи шоир, он чи пеш аз ҳама аҳамият дорад раҳбарии хирадмандонаи давлат аст. Миллате, ки раҳбари ботадбир дошта бошад ба ваҳдату пешрафт мерасад. Шоир бо ифтихор аз муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба унвони раҳбари хирадманду бовафои миллати Тоҷикистон ёд мекунад ва ӯро мояи ободӣ ва иззати кишвар медонад:

Раҳбари ӯ Пешвои миллат аст,
Бовафову ҷонфидои миллат аст,
Тоҷиконро хурраму дилшод кард,
Тоҷикистони наве бунёд кард[2]

**2. Аҳамияти забон ва фарҳанг**

Яке аз муҳимтарин меҳварҳои достон масъалаи забони форсии тоҷикӣ аст. Шоир забонро руҳи миллат медонад ва муътақид аст, ки нобудии забон, нобудии ҳувияти миллӣ аст:

Сурати миллат нишони миллат аст,
Сирати миллат забони миллат аст[3].

---

[1] Беҳрӯзи Забеҳулло, Аз Балх то Бухоро, С. 312.

[2] Беҳрӯзи Забеҳулло, Аз Балх то Бухоро, С. 348.

Ин байт аз машҳуртарин абёти китоб аст ва аҳамияти фавқулодаи забонро дар нигоҳи шоир нишон медиҳад. Ӯ бовар дорад, ки миллат бидуни забону фарҳанги хеш мавҷудияте нахоҳад дошт.

**3. Достонҳо ва афсонаҳо ҳофизи бақои миллатҳо ҳастанд**

Шоир сипас ба аҳамияти афсонаҳо, достонҳо ва мутуни ҳамосӣ дар ҳифзи миллат ишора мекунад:

Қиссаву афсона руҳи миллат аст,
Киштии дарёи Нуҳи миллат аст[1].

Ташбеҳи афсонаҳо ба "киштии Нуҳ" бисёр ҳунармандона аст. Ҳамон гуна, ки киштии Нуҳ инсонҳоро аз тӯфон наҷот дод, достонҳо ва ривоятҳои таърихӣ низ миллатҳоро аз фаромӯшӣ ва нобудӣ наҷот медиҳанд.

**4. Ёдоварии таърих ва азамати пешини тоҷикон**

Шоир ҳушдор медиҳад, ки миллатҳое, ки таърих, достонҳо ва гузаштаи хешро фаромӯш кунанд, решаҳои ҳувиятии худро аз даст хоҳанд дод.

Дар бахшҳои мухталифи достон шоир аз гузаштаи бошукӯҳи тоҷикон сухан мегӯяд; аз рӯзгоре, ки ин миллат дорои фарҳанг, дониш, қудрат ва тамаддуне дурахшон буд:

Хонаву кошонаву бозор дошт,
Ганҷҳо бисёр дар анбор дошт.
Парчаму коху китобу дона дошт,
Ҳам сипаҳсолру ҳам фарзона дошт[2].

**5. Ситоиши "Шоҳнома[3]" ва мероси фарҳангӣ**

Шоир "Шоҳнома"-ро санади ҳувияти таърихӣ ва миллии тоҷикон медонад ва мегӯяд:

Чун санад дар дасти мо сад чома аст,
Худ гувоҳи мо яке "Шаҳнома" аст[4].

---

[3] Беҳрӯзи Забеҳулло, Аз Балх то Бухоро, С. 307.

[1] Беҳрӯзи Забеҳулло, Аз Балх то Бухоро, С. 307.

[2] Беҳрӯзи Забеҳулло, Аз Балх то Бухоро, С. 317.

[3] "Шоҳнома" шоҳкори ҳамосии забони форсӣ, сурудаи ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ аст, ки суроиши он ҳудуди 30 сол ба тул анҷомид. Ин асари бузург таъризу устураҳои Эрони бостонро ривоят мекунад ва аз муҳимтарин осори адабӣ ва фарҳангии ҷаҳони форсӣ ба шумор меравад. Фирдавсӣ, Абулқосим. "Шоҳнома", ба кӯшиши Ҷалол Холиқии Мутлақ, чопи Теҳрон: Маркази доиратулмаорифи бузурги исломӣ, 1392, ҷ 1, саҳ 11.

[4] Беҳрӯзи Забеҳулло, Аз Балх то Бухоро, С. 321.

**6. Ҳушдор: нобудии истиқлол ва фаромӯшии ҳувият**

Чун зи истиқлоли худ маҳрум шуд,
Тахту бахташ баъд аз он маъдум шуд[1].

7. Даъват ба бозёбёбии огоҳии миллӣ

Бо ин ҳол, фазои достон комилан пур аз умед аст. Шоир дар идома аз бедории дубораи миллати тоҷик сухан мегӯяд ва зуҳури Тоҷикистони мустақилро навъе растохези таърихӣ медонад:

Гуфт Айнӣ халқи тоҷик зинда шуд,
Дар таворих номи ӯ тобанда шуд[2].

Дар ин байт шоир бо ситоиш аз ҷойгоҳи волои Садриддин Айнӣ[3] ӯро мояи зинда будани ҳувият ва фарҳанги тоҷикон медонад. Иборати "Халқи тоҷик зинда шуд" нишон медиҳад, ки миллати тоҷик бо вуҷуди душвориҳои таърихӣ ба ёрии андеша ва осори Айнӣ ҳувияти худро ҳифз кардааст. Ҳамчунин мисраи "Дар таворих номи ӯ тобанда шуд" баёнгари он аст, ки ному ёди Айнӣ ҳамчунон дар дили мардуми тоҷик зиндаву пӯё боқӣ монда, бо ҳаёти фарҳангии миллат пайванде амиқ дорад. Шоир дар ҳақиқат, Айниро намоди бедории миллӣ, ҳофизи забони форсии тоҷикӣ ва эҳёи фарҳанги тоҷик мешуморад.

**8. Даъват ба ваҳдату ҳамбастагӣ**

Шоир ҳамчунин мардумро ба ваҳдату ҳамбастагӣ даъват мекунад

Бе ҷамоат фард мурғи бе пар аст,
Золиму бегонагонро навкар аст[4].

Ин байт нишон медиҳад, ки ваҳдати миллӣ муҳимтарин шарти бақо ва қудрати миллат дар нигоҳи шоир аст.

**● Ҷилваҳои ҳунарӣ дар "Қиссаи мурғи Самандар"**

1. Намоди устураии "мурғи Самандар" намоде бисёр амиқу маънодор аст:

– ҳамонанди Қақнус дар оташ месӯзад ва дубора зода мешавад. Ин намод тасвире муносиб барои миллати тоҷик аст, ки пас аз ранҷҳо ва душвориҳои таърихӣ дубора зинда шудааст.

---

1 Беҳрӯзи Забеҳулло, Аз Балх то Бухоро, С. 318.

2 Беҳрӯзи Забеҳулло, Аз Балх то Бухоро, С. 321.

3 Садриддин Айнӣ – адиб, шоир ва донишманди барҷастаи тоҷик, машҳур ба "падари адабиёти навини тоҷик". Вай дар соли 1878 дар Бухоро зода шуд ва дар соли 1954 дар шаҳри Душанбе даргузашт. Айнӣ нақши муҳиме дар ҳифзи забон ва ҳувияти фарҳангии тоҷикон дошт ва аз муҳимтарин осори ӯ метавон ба "Ёддоштҳо", "Марги судхӯр" ишора кард. Айнӣ, Садриддин. Ёддоштҳо, чопи Душанбе: интишороти "Адиб", 1989, саҳ 5.

4 Беҳрӯзи Забеҳулло, Аз Балх то Бухоро, С. 340.

2. Пайванди суннат ва муосирият.
3. Фазои ҳамосӣ: ин достон ба адабиёти миллӣ ва ҳамосӣ бисёр наздик аст ва дар он хитобҳои ҷамъӣ ва руҳияи бедории миллӣ ба равшанӣ дида мешавад.
4. Фишурдагии ҳикмату андеша: "Қиссаи мурғи Самандар" танҳо як ривояти достонӣ нест, балки саршор аз ҳикмат, тааммулоти фалсафӣ ва андешаҳои иҷтимоию фарҳангӣ аст.

Аз назари адабӣ "Қиссаи мурғи Самандар" саршор аз намодҳои устурай, ирҷооти таърихӣ ва фазои ҳамосӣ аст. Ҳузури шахсиятҳо ва мафоҳиме чун, Ҷамшед, Фирдавсӣ, Рӯдакӣ, "Шоҳнома", нур, оташ ва парвоз ба шеър ҳолате устурай ва миллӣ бахшидааст. Таъсири "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ дар сохтори ҳамосӣ ва нигоҳи таърихи ин достон комилан ошкор аст.

Шоир ҳамчунин бо истифода аз забони оҳангин, тасовири намодин ва лаҳни хитобӣ миёни адабиёти классикии форсӣ ва муосири ҷомеаи тоҷик пайванде ҳунармандона барқарор кардааст. Ҳамин вижагӣ сабаб шуда, ки ин достон, ҳам аз назари адабӣ ва ҳам аз назари фикрӣ ҷойгоҳе барҷаста дар адабиёти муосири Тоҷикистон дошта бошад.

Дар маҷмуъ, "Қиссаи мурғи Самандар"-ро метавон ҳамосае дар бораи ҳувият, таърих ва бедории миллати тоҷик донист; асаре, ки дар он шоир мекӯшад мардумро ба ҳифзи забон, фарзанг ва ҳофизаи таърихии хеш фаро бихонад ва шеърро ба абзоре барои эҳёи руҳи миллӣ табдил кунад.

**● Ҷанбаҳои адабӣ ва муҳтавоии дафтар**

Ҳар дафтари шеър ду буъд дорад:
1. Ҷанбаи адабӣ ва забонӣ, ки шомили шигардҳо ва саноеи шеърӣ мешавад.
2. Ҷанбаи муҳтавой, ки паёми фарҳангӣ ва иҷтимоии асарро мунтақил мекунад.

Китоби шеъри "Аз Балх то Бухоро" аз назари адабӣ, сохторе устувор ва аз назари муҳтавой бисёр ғанӣ аст; зеро паёми он тақвияти арзишҳои фарҳангӣ ва ҳувияти миллии тоҷикон аст.

## Натиҷагирӣ:

Китоби “Аз Балх то Бухоро” тоблуе ҳунарӣ ва ҳамоҳанг аст, ки бо диққат, ишқу огоҳӣ тарсим шудааст; тоблуе, ки Ватан, қалби тапандаи он ва мардум, виҷдони бедори онанд. Наққоши ин асар, Беҳрӯзи Забеҳулло шоире аст, ки ҳамчун сарбози фарҳангӣ, посдори ҳувият, таъриху сарзамини хеш аст. Ӯ бо вожаҳояш аз Тоҷикистон ва фарҳанги тоҷик дифоъ мекунад ва орзу дорад, ки Тоҷикистон ва мардуми тоҷик ҳамвора дар паноҳи Худованд, дар амният, оромиш ва сарбаландӣ боқӣ бимонанд.

Ин асари зеборо метавон яке аз жарфтарин ва пурмаънотарин осори муосир дар ҳавзаи шеъри тоҷик донист, ки миёни ҳунар ва андешаи миллӣ пайванде ногусастанӣ барқарор кардааст. Ин маҷмуа на танҳо бозтоби эҳсосоти миллӣ, балки баёне андешмандона аз фалсафаи миллатсозӣ ва худогоҳии фарҳангӣ дар Тоҷикистони имрӯз аст.

Дар рӯзгори кунунӣ, ки фарҳангҳо дар маърази фаромӯшӣ ё дигаргунианд, ин асар ёдовар мешавад, ки забон, фарҳанг ва давлат се сутуни истиқлоли воқеии миллати тоҷиканд, аз ин рӯ, “Аз Балх то Бухоро”-ро ба ҳақ метавон паём ва сухани тоҷиконаи рӯзгори муосир номид. Шоир дар канори баҳрагирӣ аз мероси классикӣ, аз андешаҳои устод Айнӣ ва Бозор Собир низ илҳом мегирад то хонандаро ба бозандешӣ дар бораи ҳувияти миллӣ ва фарҳангии хеш фаро хонад ва аҳамияти посбонӣ аз ойинҳои фарҳанги бостонӣ ва имрӯзи тоҷиконро ёдовар шавад.

Маҷмуаи “Аз Балх то Бухоро” асарест, ки дар он шеър, ҳувият, таърих ва фарҳанг дар канори якдигар қарор гирифтаанд. Беҳрӯзи Забеҳулло бо забоне фохир ва андешаи амиқ тавонистааст асаре мондагор дар адабиёти муосири форсӣ халқ кунад. Ҳам барои дӯстдорони шеъри классикӣ ва ҳам барои мухотабони шеъри муосир ҷаззобу тааммулбарангез бошад. Маҷмаи мазкур намунае муваффақ аз шеъри муосири форсӣ аст, ки дар он суннати адабӣ, ҳувияти фарҳангӣ ва эҳсосоти инсонӣ дар канори якдигар қарор гирифтаанд. Ин дафтар нишон медиҳад, ки шеъри форсии тоҷикӣ ҳануз ҳам тавоноии онро дорад, ки ҳамзамон зебо, андешамандона ва ҳувиятсоз бошад. Бетардид, Беҳрӯзи Забеҳулло аз чеҳраҳои матраҳи шеъри муосири тоҷик аст ва ин асар яке аз муҳимтарин девонҳои адабии солҳои ахир дар ҳавзаи фарҳанги хуросонӣ ба шумор меравад. Шоир бо баҳрагирӣ аз аносири бумӣ ва фарҳангӣ шеърро ба абзоре барои баёни ҳувият, огоҳии иҷтимоӣ ва арзишҳои инсонӣ табдил кардааст.

Дар поёни китоби “Аз Балх то Бухоро” достонҳои “Амвоҷи ҳастӣ” ва “Қиссаи мурғи Самандар” ҷойгоҳи вижаву мумтоз доранд; зеро ин ду асар усораи андешаҳои фарҳангӣ, иҷтимоӣ, фалсафӣ ва миллии Беҳрӯзи Забеҳулло ба шумор меоянд.

Аз назари ҳунарӣ “Қиссаи мурғи Самандар” саршор аз намодҳои устураӣ, ирҷооти таърихӣ ва фазои ҳамосӣ аст ва таъсири “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ дар сохтор ва фазои он комилан ошкор аст.

Ин достонҳои муҳим баёнгари умеди шоир ба бедории дубораи миллати тоҷик ва эҳёи ҳувияти таърихии он аст.

Дар маҷмуъ, ин достонҳоро метавон муҳимтарину амиқтарин бахшҳои маҷмуаи “Аз Балх то Бухоро” донист; зеро шоир дар онҳо шеърро ба абзоре барои бедории фарҳангӣ, дифоъ аз ҳувияти миллӣ, ҳифзи забони форсии тоҷикӣ ва тақвияти огоҳии иҷтимоӣ табдил кардааст.

Ин ду достонро метавон ҳусни хитоми маҷмуа ва дурахшонтарин бахши китоб донист.

**Манобеъ ва марочеъ:**


● Ориёнпур, Яҳё. Аз Сабо то Нимо. – Теҳрон: интишороти "Завор", чопи ҳафтум, 1394.

● Исломии Надушан, Муҳаммадалӣ. Эронро аз ёд набарем. -- Теҳрон: интишороти "Яздон", чопи савум, 1393.

● Бароҳанӣ, Ризо. Тилло дар мис. – Теҳрон: интишороти "Нигоҳ", чопи шашум, 1392.

● Беҳрӯз, Забеҳулло. Аз Балх то Бухоро. – Кобул: нашри "Мавлоно", 1404.

● Беҳрӯз, Забеҳулло. Мукотиботу паёмҳои мактуби шоир Беҳрӯз ба пажуҳишгар дар шабакаҳои иҷтимоӣ аст.

● Ҳасан, Анӯша. Таърихи тамаддуни Осиёи Марказӣ. Ҷилди савум. – Теҳрон: интишороти "Амири Кабир", 1380.

● Хонларӣ, Парвиз Нотил. Таърихи забони форсӣ. – Теҳрон: интишори "Тӯс", чопи чаҳорум, 1390.

● Дастғайб, Абдулалӣ. Сабки ҳиндӣ ва Соиби Табрезӣ. – Теҳрон: нашри "Қатра", 1381.

● Раҳимзода, Боқӣ. Мунтахаби осор. Душанбе: интишороти "Адиб", 1984.

● Растагор, Фасоӣ Мансур. Анвои шеъри форсӣ. – Теҳрон: интишороти "Самт", 1388.

● Зарринкуб, Абдулҳусейн. Бо корвони ҳулла. – Теҳрон: интишороти "Сухан", 1380.

● Шафей, Кадканӣ. Мусиқии шеър. – Теҳрон: интишороти "Сухан", чопи даҳум, 1398.

● Собир, Бозор. Куллиёти ашъор. – Душанбе: интишороти "Адиб", 2010.

● Сафо, Забеҳулло. Таърихи адабиёти Эрон. Ҷ1. – Теҳрон: интишороти "Фирдавс", 1378.

● Айнӣ, Садриддин. Ёддоштҳо. – Душанбе: интишороти "Адиб", 1989.

● Ғафуров, Бобоҷон. Тоҷикон. Ҷ2. – Душанбе: интишороти "Ирфон", 1989.

● Қаноат, Муъмин. Куллиёти ашъор. – Душанбе: интишороти "Адиб", 2002.

● Ғафуров, Абдулҷаббор. Иқтисоди Тоҷикистони муосир. – Душанбе: интишороти "Ирфон", 2019.

● Юсуфӣ, Ғуломҳусайн. Чашмаи равшан. – Теҳрон: "Интишороти илмию фарҳангӣ", 1375.

● Фирдавсӣ, Абулқосим. "Шоҳнома". Ба кӯшиши Ҷалол Холиқии Мутлақ. – Теҳрон: Маркази доират-ул маорифи бузурги исломӣ, 1393.

● Фурӯзонфар, Бадеъуззамон. Шарҳи аҳвол ва нақду таҳлили осори Мавлоно. – Теҳрон: интишороти “Заввор”, чопи панҷум, 1395.
● Маҳҷуб, Муҳаммадҷаъфар. Сабки хуросонӣ дар шеъри форсӣ. – Теҳрон: интишороти “Тӯс”, 1371.
● Машҳун, Ҳасан. Таърихи мусиқии Эрон. – Теҳрон: интишороти “Дунёи китоб”, 1373.
● Муваҳҳид, Муҳаммадалӣ. Маволоно Ҷалолиддин; зиндагӣ, фалсафа ва осор. – Теҳрон: “Нашри корнома”, 1384.
● Турсунзода, Мирзо. Мунтахаби ашъор. – Душанбе: интишороти “Маориф”, 1981.
● Шукурзода, Муҳаммадҷон. Адабиёти муосири тоҷик. – Душанбе: интишороти “Маориф”, 2007.
● Шукурзода, Мирзо. Тоҷикон дар масири таърих. – Теҳрон: интишороти байналмилалии “Алҳудо”, 1373.
● Мирсодиқӣ, Ҷамол. Таърихи адабиёти Эрон. – Теҳрон: интишороти “Сухан”, 1385.
● Ясно, Яъқуб. Даромаде бар нақди адабии муосир. – Кобул: интишороти “Ток”, 1398.
● Ясно, Яъқуб. Пешгуфтор дар “Аз Балх то Бухоро”, асари Беҳрӯзи Забеҳулло. – Кобул: “Нашри Мавлоно”, 1404.
● Ясно, Яъқуб. “Сирати миллат забони миллат”, таҳлили дафтари шеъри “Шукӯҳи истиқлол” асари Беҳрӯзи Забеҳулло., октябри 2025. https://sayedkayan.org/fa/archives/1582?amp=1